БАХТОВАР - ТАБИБИ ТОҶИК ДАР ОЛМОН с. 6

МЕДАЛИ ТИЛОИ ТАБИБИ ТОҶИК АЗ КУВАЙТ с. 2

СУЛҲ ТАСЛИМ ШУДАНИ УКРАИНА НЕСТ! с. 4

# ТОҶИКИСТОН

№9 (1623), 26.02.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# РАМАЗОН БО ГАРОНӢ МЕОЯД






## ДАР ИН ШУМОРА:

**МУШКИЛИ СИСОЛА**
3 президент онро ҳал мекунанд с.7

**АЙБ НАЁФТАНД**
Раҳоии блогери тоҷик аз маҳбаси Русия с.11

**КӮДАКИСТОНҲОИ ПОЙТАХТ**
Вазир камбудиҳоро ошкор кард с.5

**БЕМОРИҲОИ ДИЛ**
Омилҳои афзоиши он дар суҳбат бо профессори рус с.8

**АЗ 6 ТО 10 ҲАЗОР**
Эълони озмун барои драманависон с.2

**ҲОҶӢ АБДУЛАЗИЗ**
Ва сарнавишти ду абераи ӯ с.13

**СУҒД**
427 ҷинояти коррупсионӣ дар як сол с.11

**ВАРЗИШ**
Паҳлавонони тоҷик ба Тошканд рафтанд с.10

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,** сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,** доктори илми иқтисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,** доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,** нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,** сахифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
918-66-82-64,
221-41-11

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## ДАР ТОҶИКИСТОН ДАРОЗТАРИН ПУЛ БУНЁД МЕШАВАД

**Дар болои дарёи Сурхоби ноҳияи Нуробод пул бо дарозии 920 метр сохта мешавад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ ин дарозтарин пул аст.**

Дар робита ба ин сохтмони пули мошингузари дароз байни Вазорати нақлиёти Тоҷикистон ва ширкати «Жечианг коммуникейшн констракшэн групп ко ЛТД»-и Чин созишномаи ҳамкорӣ имзо шуд.

Санадро дар заминаи марҳилаи сеюми татбиқи Лоиҳаи бунёди роҳи мошингарди «Обигарм - Нуробод» вазири нақлиёти Тоҷикистон Азим Иброҳим ва намояндаи ширкати чинии «Жечианг коммуникейшн констракшэн групп ко ЛТД» Ли Минкун имзо намуданд.

Гуфта мешавад, ки сохтмони ин пул барои иқтисодиёти Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад. Зимнан, Азим Иброҳим таъкид доштааст, ки бояд он бо сифати баланд ва дар мӯҳлати муайяншуда ба анҷом расонида шавад. Тибқи созишнома, пул бояд дар мӯҳлати 4 сол сохта, ба истифода дода шавад. Арзиши умумии татбиқи лоиҳа 427 555 518,63 юани чинӣ - муодил ба 59 миллиону 857 ҳазору 772,61 доллар мебошад.

## АЗ 6 ТО 10 000 СОМОНӢ. ОЗМУН БАРОИ ДРАМАНАВИСОН

**Шуруъ аз моҳи феврал то 1-уми сентябри соли 2025 дар Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии драманависон баргузор мегардад.**

Барои ғолиби ҷои якум 10 ҳазор сомонӣ, ҷои дуюм - 8 ҳазор сомонӣ ва ҷои сеюм - 6 ҳазор сомонӣ муқаррар гардидааст.

Озмуни мазкур ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби Вазорати фарҳанги Тоҷикистон доир хоҳад шуд.

Мақсади эълони ин озмун рушди драматургияи миллӣ, тарғиби дастовардҳои замони Истиқлоли давлатӣ, таҳияи асарҳои баландғояи ватанӣ ва пурра гардонидани репертуари театрҳои касбии мамлакат аст.

Аз Вазорати фарҳанг иттилоъ доданд, ки эҷодкорони тамоми синну сол ва касбу кори гуногун новобаста аз аъзои Иттифоқи нависандагон будан ё набудан метавонанд дар озмун иштирок кунанд.




## МЕДАЛИ ТИЛОИ ТАБИБИ ТОҶИК АЗ КУВАЙТ

**Гулнора Ҳоҷиева, дотсенти кафедраи бемориҳои дарунии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар намоишгоҳи байналмилалӣ соҳиби медали тило шуд.**

Ӯ барои ихтирооти «Маҷмуи гиёҳҳои шифобахш-Чордору» дар намоишгоҳи байналмилалии ихтироъкорони Шарқи наздик (IIFME) медали тилоро ба даст овардааст.

Намоишгоҳи байналмилалии ихтироъкорони Шарқи наздик аз 16 то 19-уми феврали соли равон дар давлати Кувайт доир гардид ва дар он аз 44 давлат ихтироъкорон иштирок намуданд.

Чунин намоишгоҳи байналмилалӣ ҳамасола доир мешавад. Соли гузашта ин намоишгоҳ 12-15-уми феврал баргузор шуда, дар он аз 43 давлати ҷаҳон намояндагон бо 169 ихтироъ иштирок доштанд.

Дар намоишгоҳи мазкур аз Тоҷикистон Саврибегим Ёрмамадова бо медали нуқра ва Мавлуда Давлатмамадова бо медали биринҷӣ сарфароз шудаанд.

## ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН КОРХОНАИ МУШТАРАК МЕСОЗАНД

**Тоҷикистону Ӯзбекистон тасмим доранд, ки дар шаҳри Душанбе корхонаи муштараки саноатӣ бунёд кунанд.**

Масъалаи таъсиси ин корхонаи муштараки саноатӣ дар пойтахт зимни мулоқоти Сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода бо Директори генералии корхонаи шишабарории вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон «Кварс» Акмалҷон Бӯриев баррасӣ шудааст.

Бино ба иттилои Сафорати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон, Абдуҷаббор Раҳмонзода ҳамроҳ бо коршиносон дар ноҳияи Кувасойи вилояти Фарғона дар корхонаи шишабарории «Кварс» бо фаъолият ва тавлиди шиша дар ин коргоҳ шинос шудаанд.

"Ҳарду ҷониб ба мувофиқа расиданд, ки корхои муқаддимотиро дар шаҳри Душанбе ба анҷом расонида, ба бунёди корхонаи муштарак иқдом гиранд",- иттилоъ медиҳад манбаъ.

## САРИ САБЗ



**Марям ДАВЛАТОВА,** равоншинос, номзади илми филология

**- Касе, ки маро ранҷонд, шояд устоди бахшидани ман аст. Дар китоби "Ду ҳаёт"-и нависанда К. Антаро гуфта шудааст, ки дар рӯйи замин дӯстон ва душманон вуҷуд надоранд, ҳамаи одамон устодони ту ҳастанд, онҳоро бипазир, донишашонро бигир.**

*- Аз нигоҳи илми равоншиносӣ, чунин "устодӣ"-ву "шогирдӣ" шояд ба андозае мантиқӣ ва қабулшаванда бошад. Аммо дар ҳамин маврид илми филология чӣ мегуфта бошад?*



**Алишер ШАМСИЕВ,** муҳандиси сохтмон ва ҳаҷвнигор

**-Бо ҳаҷв хандонидан осону тарбия кардан мушкил аст. Масалан, калонсолон бо як панду насиҳат моро аз кори хато мегардониданд. Имрӯз мо гӯё бачаамонро беҳад нағз мебинем, ки намехоҳем касе дар кӯча ӯро тарбия кунад.**

*- Ана дидед, худатон иқрор шудед, ки калонсолон барои аз кори хато гардонидан панд медодаанду насиҳат мекардаанд. Пас, мо ҳам бояд бачаҳоямонро пеш аз ба кӯча сар додан тарбия кунем.*



**Саноат ДОДОБОЕВА,** мутахассиси соҳаи илмҳои иҷтимоӣ

**- Дар Корея касе ба шумо кумак намекунад, ин метавонад даҳшатнок ба назар расад... Эҳтимол дорад, ки бо сабаби "нав" ё "хориҷӣ" будан ба осонӣ кумак ёфта наметавонед. Мушкиле пеш ояд, умед бастан ба ёрии дигарон чандон фикри хуб нест.**

*- Магар ба ягон нафари "нав" ё "хориҷӣ" ҳам умед баста намешавад? Агар чунин бошад, пас воқеан, масъалаи кумак пурсидан ба дилхоҳ нафари "нав" ё "хориҷӣ" даҳшатнок ба назар мерасад.*

# РАМАЗОН БО ГАРОНӢ МЕОЯД

**Борҳо таъкид шудааст, ки боло бурдани нархи маҳсулот дар арафаи моҳи шарифи Рамазон гуноҳ аст. Аммо чаро бархе тоҷирони мо инро ба эътибор намегиранд ва бо сӯйистифода аз моҳи Рамазон фоидаи бештару муфт ба даст меоранд? Магар мусалмонӣ чунин аст?**

### ШИКОЯТ АЗ БОЗОР

Аллакай сокинони кишвар бо фаро расидани моҳи шарифи Рамазон аз гаронии нархи маҳсулоти ниёзи аввал шикоят доранд. Чанд рӯзи охир равғани растанӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар анвои ғизоӣ рӯ ба қиматшавӣ овардааст. Агар як - ду ҳафта пеш 1 литр равғани растанӣ 18-20 сомонӣ буд, ҳоло ба 25 сомонӣ расидааст. Тухму шакар, гӯшт ва дигар маҳсулоти ниёзи аввал майли қиматӣ доранд. Аҷиб, дар Тоҷикистон анъана шудааст, ки дар арафаи ҳар ид дилхоҳ маҳсулот қимат мешавад. Бархе тоҷирон инсофро як тараф гузошта, дар фикри бештар пур кардани ҷайби худ мешаванд.

Савринисо, сокини пойтахт бознишаста аст. Ӯ мегӯяд, ки гоҳ-гоҳ ба бозор барои хариди маҳсулот меравад. Ба мушоҳидаи ӯ, дар бозор қариб ки назорат нест ва нархи маҳсулот калаванда аст.

"Вақте вориди бозор мешавам, нархҳоро дида, дар ҳайрат мемонам. Масалан, нархи гӯшт дар табло якеву дар гуфтори фурӯшандаҳо дигар аст. Агар пофишорӣ кунед, бо нархи навишташуда гӯшти дилхоҳатро медиҳад. Яъне, инҷо адолат байни фурӯшандаву харидор вуҷуд надорад. Бинобар ин, бештари вақт аз ярмарка ё гӯшаҳои ташкилкардаи берун аз бозор маҳсулот мегирам. Нисбат ба дохили бозор арзонтар аст",- гуфт номбурда.

Низомиддин бошад, дар як мағоза фурӯшанда аст. Ӯ мегӯяд, ки як моҳ инҷониб аллакай ширкатҳои яклухтфурӯш нархро қимат карданд.

- Мо аз нуктаҳои яклухтфурӯшӣ маҳсулотро харидорӣ мекунем. Вақте ба мо маҳсулотро бо нархи гарон меоранд, наметавонем онро арзон фурӯшем. Мо маҷбур мешавем чанд тангаи дигар болои он монему ба фурӯш гузорем,- илова намуд ӯ.



### АЗ ТАЪКИДИ АБДУЛҚОДИРЗОДА ТО НИГАРОНИИ ҲОҶӢ МИРЗО

Саидмукаррам Абдулқодирзода, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон борҳо аз савдогарон хоҳиш кардааст, ки дар моҳи Рамазон нархи маҳсулоти ғизоиро боло набаранд, балки ба миқдоре поин фароранд.

Ӯ нигарон аз он аст, ки баъзе савдогарон дар моҳи Рамазон ба эҳтикор ё ба таври сунъӣ боло бурдани нарх даст мезананд, ки ин маблағ ба онҳо ба ҷуз нигарониву нокомӣ ва парешониву ташвишҳо чизе намедиҳад.

«Мо камбуди равған, орд, мевачот надорем. Ҳама анборҳо пур аз ин неъматҳост. Ҳоло ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархи моводи мавриди ниёзи аввал, бардоштани нархи дигар маҳсулот, умуман сӯйистифода аз моҳи муборакӣ Рамазон ё рӯзҳои муборакӣ ид бисёр гуноҳи азим буда, пайомадҳои нохуш низ дорад",- таъкид мекунад муфтии Тоҷикистон.

Рӯҳонии маъруфи кишвар Ҳоҷӣ Мирзо Имронов бошад, дар робита ба ин масъала мегӯяд, ки тоҷири мусалмон набояд худсарона аз моҳи шарифи Рамазон сӯйистифода кунад ва нархи маҳсулотро боло барад.

"Дар моҳи Рамазон мардуми мусулмон набояд дар болои молашон фоиз гузоранд ва нархро гарон кунанд, балки бояд аз сари фоидаҳояшон ҳам бигзаранд. Ҳоҳанд, ки савоби даҳчанд аз моҳи Рамазон бардоранд, тоҷирон бояд молро бо ҳамон нархе, ки мегиранд, фурӯшанд ва ба камбағалу нодору ятиму бarҷомондагон хайру садақа кунанд. Касе, ки дар ин моҳ нархро баланд карда, барои мардум вазнинӣ эҷод мекунад, раҳму инсоф надорад",- мегӯяд номбурда.

### ЧӢ БОЯД КАРД?

Дар пойтахт масъулини мақомоти даххлдор, бозорҳо бо ҷалби кормандони милитсия борҳо барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани арзиши молу маҳсулот дар арафаи Рамазон талош кардаанд. Аммо ба қавли сокинону таҳлилгарон, натиҷа чандон назаррас набудааст. Зеро пас аз рафтани шахсони масъул фурӯшандаҳо нархҳоро боз ба хости худ мегузоранд. Пас, чӣ бояд кард?

Баландшавии нархҳо, хусусан дар моҳи Рамазон, яке аз мавзуҳои доимии баҳс аст. Ҳарчанд мақомот барои танзими нарх дар бозор даxолат кунанд ҳам, аммо то ҳол як низоми назорату мониторинги воқеӣ вуҷуд надорад. На танҳо дар арафаи Рамазон, балки дар тамоми давраи сол бояд низоми назорату танзими нарх ҳамеша фаъол бошад. Инро метавон бо таъсиси гурӯҳҳои махсус ва иштироки намояндагони ҳукумат, кормандони шӯроҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ татбиқ кард. Ҳамчунин, системаи ҷазо барои фурӯшандаҳое, ки нархи маҳсулотро беасос боло мебаранд, муҳим аст. Дар баробари ин, мукофот ё ҳавасмандӣ барои фурӯшандаҳое, ки маҳсулоти босифат пешниҳод мекунанд ё ба коҳиши нарх таъсир мерасонанд, самарабахш хоҳад буд. Зимнан, ба сокинон бояд имкон дода шавад, ки аз нархгузории ноодилона, боло бурдани нархи сунъии маҳсулот ба мақомот шикоят кунанд. Мисли он ки имрӯз дилхоҳ қонуншиканӣ аз назари мақомоти милитсияи пойтахт дур намемонад ва ба тамоми арзу шикояти мардум расидагӣ карда мешавад.

Шумо чӣ назар доред, хонандаи гиромӣ?

**Усмон РАҲИМЗОДА**

## АФЗОИШИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН БО РУСИЯ

**Тоҷикистон дар феҳристи ҳафт кишваре шомил аст, ки Русия бо онҳо табодули колоро афзоиш додааст. Ин омор аз рӯйи натиҷаи соли 2024 бармеояд, ки РИА "Новости" онро дар асоси оморҳои миллӣ ҳисоб кардааст.**

Тиҷорати Тоҷикистон бо Русия дар соли гузашта 15,5% афзуда, ба 2 миллиард доллар расид. Ҳамчунин гуфта мешавад, ки Русия додугирифти мол бо кишварҳои ҳамсояро ба 66,3 миллиард доллар афзоиш додааст. Як сол пеш ин рақам 57,4 миллиард доллар буд.

Шарикони асосӣ Қазоқистон, Арманистон ва Ӯзбекистон боқӣ мемонанд.

## ҶАЗОИ ИЛОВАГӢ БА РОНАНДАИ ТОҶИК

**Суди шаҳри Санкт-Петербург Раҳматшоҳ Қурбонов, ронандаи автобус ва зодаи Тоҷикистонро, ки соли гузашта бо автобус ба дарё афтода буд, барои сабтиноми беш аз 40 муҳоҷир дар хонааш 106 ҳазор рубли русӣ (бештар аз 100 доллари ИМА) ҷарима кардааст.**

Ба гузориши ТАСС, Қурбонов барои "сабтиноми тақаллубии шаҳрванд ё шахси бешаҳрвандӣ дар макони иқомат" (моддаи 322.3-и Кодекси ҷиноятии Русия) гунаҳгор эълон шуд.

Дар ҳукми суд гуфта мешавад, ки Қурбонов аз апрели соли 2022 то майи соли 2024 бо гирифтани пул барои сабтиноми 46 шаҳрванди хориҷӣ дар хонааш, маълумоти дурӯғ пешниҳод кардааст. Дар асл, касе аз онҳо дар хонаи ӯ зиндагӣ надоштааст.

Қаблан суд Раҳматшоҳ Қурбоновро барои садамаи фоҷиавие, ки соли гузашта рух дода буду дар натиҷаи он автобуси зери идораи ӯ ба дарёи Мойка сарозер шуд, 6 сол аз озодӣ маҳрум кард. Ӯ ҳамчунин барои 2,5 сол аз ҳуқуқи ронандагӣ маҳрум шуд.

## Намояндаи нави Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ

**Шӯрои Иттиҳоди Аврупо Эдуардс Стипрайсро ба мақоми намояндаи вижаи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ таъйин намуд.**



Ӯ аз 1-уми марти соли ҷорӣ ба ҷои Терхи Ҳакала, ки то ин дам вазифаи намояндаи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказиро бар ухда дорад, кори худро оғоз мекунад.

Стипрайс дипломати латвиягӣ буда, қаблан намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ӯзбекистонро роҳбарӣ мекардааст. Ӯ ҳамчунин дар вазифаи сафири Латвия дар Британияи Кабир ва Фаронса кор кардааст.

KUN.UZ



## Ҷаноза пас аз ним соли марг

**Дар Бейрут, пойтахти Лубнон рӯзи 23-юми феврал маросими ҷанозаи Ҳасан Насруллоҳ, раҳбари “Ҳизбуллоҳ” баргузор шуд. Ӯ рӯзи 24-уми сентябри соли 2024 дар натиҷаи ҳамлаи Исроил дар таҳхонаи як бинои баландошёна кушта шуда буд.**

Али Дамуш, намояндаи “Ҳизбуллоҳ” гуфтааст, ки дар маросими ҷанозаи Ҳасан Насруллоҳ 800 намоянда аз 65 кишвар ҳузур доштанд.

Дар миёни ин афрод Муҳаммад Қолибоф, раиси парлумони Эрон ва Аббос Арокчӣ, вазири корҳои хориҷии ин кишвар низ ҳузур доштаанд. Насруллоҳ беш аз 30 сол раҳбари ин гурӯҳ буд, ки бо Исроил дар ҳоли ҷанг қарор дошт.

IRAN International

# СУЛҲ ТАСЛИМ ШУДАНИ УКРАИНА НЕСТ!



**Президенти Фаронса рӯзи 24-уми феврал гуфт, ки созиши миёни Украина ва Русия метавонад "ҳафтаҳои наздик" ба даст ояд, вале ҳамзамон огоҳ кард, ки ин сулҳ ба маънои "таслим шудани Украина нест".**

Эммануэл Макрон рӯзи 24-уми феврал дар Кохи Сафед бо президенти Амрико Доналд Трамп дидору гуфтугӯ дошт. Сафари ӯ дар солгарди сеюми ҷанги Русия дар хоки Украина сурат гирифт.

Трамп пеш аз пазироии Макрон гуфт, ки ҷанг ба зудӣ тамом мешавад, "агар бохӯшона рафтор кунем, вагарна давом меёбад". Президенти Амрико гуфт, бо чанд раҳбари аврупоӣ гап зад ва аксари онҳо омода ҳастанд, ки замонатҳои амниятиро фароҳам кунанд. Ин хамон талабест, ки Украина ҳамчун шарти созиши сулҳ пеш гузоштааст.

Ҳам Макрон ва ҳам Трамп гуфтанд, ки дар масъалаи сафарбарии нерӯҳои посдори сулҳ ба Украина ба пешрафте даст ёфтаанд, ҳарчанд раисҷумҳури Фаронса пойфишорӣ карда буд, ки Иёлоти Муттаҳида дар иҷрои ин кор ба Аврупо ҳамроҳ мешавад. Ӯ гуфта буд, ки фиристодани нерӯҳои посдори сулҳи амрикоӣ барои пуштибонӣ аз нерӯҳои аврупоӣ бисёр муҳим хоҳад буд.

Доналд Трамп гуфт, ки президенти Русия Владимир Путин барои "пазируфтан"-и нерӯҳи аврупоӣ дар Украина ба ҳайси кафили созиши хатми даргириҳо омода аст.

Раҳбари Фаронса гуфт, ҳама гуна нерӯҳои аврупоӣ, ки ба Украина фиристода мешаванд, он ҷо бо ҳадафи "истиқрори сулҳ" қарор хоҳанд дошт ва на дар чабҳаи аввали ҷанг хоҳанд буд ва на ба низое дахолат хоҳанд кард.

Макрон гуфт, ки ӯ бо сарвазири Британиё Кейр Стармер ҳамкорӣ хоҳад кард. Стармер, қарор аст, рӯзи 27-уми феврал ба Кохи Сафед рафта, мавзӯи фиристодани нерӯҳои посдори сулҳро бо Доналд Трамп баррасӣ кунад.

# ҚАТЪНОМАИ СММ ОИД БА ҶАНГИ РУСИЯ ВА УКРАИНА

**Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи пешниҳодии Амрикоро пазируфт, ки мавзеъгирии президент Доналд Трампро дар робита бо ҷанг дар Украина инъикос мекунад.**

Овоздиҳӣ рӯзи 24-уми феврал гузашт. Даҳ кишвари узви Шӯрои амният аз қатънома ҷонибдорӣ, вале Фаронса, Британиё, Дания, Юнон ва Словения аз раъйдиҳӣ худдорӣ карданд.

Дар иваз Маҷмаи кулли Созмони Милал ду қатъномаро тасвиб кард. Яке аз ҷониби Аврупову Украина ва дигаре аз тарафи Иёлоти Муттаҳида пешниҳод шуда, ба он ҳимояти лафзии Аврупо аз Киев илова гардид.

Қатъномаҳои Маҷмаи кулл дар муқоиса бо Шӯрои амният хусусияти ҳатмӣ надоранд, вале мавзеъгириро ба ҷанг хуб намоиш медиҳанд.

Русия дар аввал талош кард, ки ба матни Амрико ишорае дар бораи “решаҳои низоъ” дохил кунад, аммо он қабул нашуд ва дар ниҳоят аз ин қатънома ҷонибдорӣ кард.




Баъди овоздиҳӣ дар Шӯрои амният, иҷрокунандаи вазифаи сафири Амрико дар СММ Дороти Ши гуфт, ки қатънома роҳро ба сулҳ боз мекунад.

Ӯ афзуд, "ин қадами муҳиме буд, ки гузошта шуд ва акнун мо бояд онро барои бунёди оянда Украина, Русия ва ҷомеаи байналмилалӣ ба кор барем".



# ДОЛЛАРҲОИ ИМА ДАР АФҒОНИСТОН БА КУҶО МЕРАВАНД?

**Узви Маҷлиси намояндагони Амрико Тим Бэрчетт бо интиқод аз фиристодани ҳафтавори бастаҳои 40-миллиондоллари Амрико ба Афғонистон таъкид намуд, ки аксари ин кумакҳои хориҷӣ ба дасти Толибон ва Алқоида мерасад.**

Тим Бэрчетт барои қатъ кардани дастрасии террористҳо ба маблағи молиётдиҳандагони Амрико қонун дар бораи “Дастрасӣ надоштани террористҳо ба маблағи молиётдиҳандагони Амрико”-ро пешниҳод кардааст.

Тим Бэрчетт, узви Кумитаи назорат ва корҳои хориҷии Маҷлиси намояндагон рӯзи сешанбе дар як нишасти хабарӣ дар ин бора чунин таъкид кардааст: “40 миллион доллар маблағи молиётдиҳандагони мардуми Амрико ба воситаи ҳавопаймоҳои махсус ба дасти Толибон мерасад. Ҳар вақт созмонҳои ғайридавлатӣ пулро харҷ мекунанд, Толибон ҳиссаи худро мегиранд. Вақте ки пул барои табодул бо пули Афғонистон табдил дода мешавад, Толибон ҳиссаи худро мегиранд. Толибон, инчунин, муайян мекунанд, ки кӣ метавонад кумакҳои хориҷӣ гирад. Аксар вақт ин афрод ё худи Толибонанд ё Алқоида”.

Лоиҳаи қонуне, ки Тим Бэрчетт ба Маҷлиси намояндагони Амрико пешниҳод кардааст, дастрасии гурӯҳҳои террористӣ ба кумакҳои хориҷиро қатъ мекунад.

# КАМБУДИИ КӮДАКИСТОНҲОИ ПОЙТАХТ

## Вазир онҳоро ошкор кард



**Вазири маорифи Тоҷикистон Раҳим Саидзода рӯзи 24-уми феврал аз як қатор кӯдакистонҳои ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Сино боздид намуда, камбудиҳои ҷиддиро ошкор кардааст. Дар ин бора Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм хабар медиҳад.**

Зимни санҷиш мушкилоти интизом, раванди таълим ва вазъи муҳити кӯдакистонҳо ошкор шудаанд. Аз ҷумла: Кӯдакистони №114 (ноҳияи Фирдавсӣ) - мудири боғча дар ҷойи кор набуда ва як гурӯҳ кӯдакон бе мураббӣ мондаанд. Дар кӯдакистони №128 - ба тозагӣ, нигоҳубини муҳит ва корҳои ободонӣ кам аҳамият дода шудааст. Инчунин кӯдакистони №89 (ноҳияи Сино) - мудири боғча дар ҷои кор набуда, мураббиён низ ба дигар корҳо машғул будаанд.

Вазири маориф аз ин камбудиҳо изҳори нигаронӣ карда, таъкид намудааст, ки омӯзиши томактабӣ таҳкурсии рушди кӯдакон аст. "Аз ҳамин нуқтаи назар корҳои тарбиявӣ, илмомӯзӣ ва ободонӣ пеш аз ҳама бояд дар кӯдакистонҳо хуб ба роҳ монда шаванд. Дар боғчаҳо кӯдакон ҳамеша бояд таҳти таваҷҷуҳ ва парасторӣ қарор гиранд ва онҳо маҳз аз ин макон ватандӯстию меҳанпарастӣ ва ободонии Ватанро дар ниҳоди худ ташаккул диҳанд",- зикр кард вазир.

Бо вуҷуди ошкор шудани мушкилот, то ҳол маълум нест, ки вазир барои ислоҳи онҳо чӣ чораҳо пешниҳод кардааст. Вале гуфта мешавад, ки аз болои фаъолияти онҳо кор бурда мешавад.

**ҚАБЛАН ВОЛИДОН ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ БОРҲО АЗ РЕҶАИ КОРИ КӮДАКИСТОНҲО ШИКОЯТ КАРДА БУДАНД. БА ГУФТАИ ОНҲО, ҶАМЪБАСТИ КОРИ КӮДАКИСТОНҲО СОАТИ 17:00 БАРОИ ОИЛАҲО ДУШВОРӢ ЭҶОД МЕКУНАД, ЗЕРО ДАР ҲАМИН ВАҚТ ҚИСМИ ЗИЁДИ ВОЛИДОН НИЗ АЗ КОР БАРМЕГАРДАНД.**

Бар асоси шикоятҳои воридшуда, баъзе волидон гуфтаанд, ки мураббиён аз онҳо талаб мекунанд, ки кӯдаконашонро ҳатман то соати 17:00 гиранд, дар ҳоле ки расман бояд пас аз он низ гурӯҳи навбатдор фаъолият дошта бошад.

Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар шарҳи ин масъала изҳор дошт, ки кори мураббиён соати 17:00 анҷом меёбад, зеро рӯзи кориашон аз соати 6:30 оғоз мешавад. Бо ин вуҷуд, пас аз 17:00 бояд мураббии навбатдор дар кӯдакистон монад ва кӯдаконеро, ки волидонашон дертар меоянд, нигоҳубин кунад.

"Бо назардошти ниёзҳои волидон, хусусан онҳое, ки дар сохторҳои давлатӣ кор мекунанд, ташкил кардани гурӯҳҳои навбатдор аз соати 17:00 то 18:00 иҷозат дода шудааст. Ва ин новобаста аз он аст, ки кӯдакистон давлатӣ ё хусусӣ мебошад",- изҳор доштанд дар Раёсат.

Ҳамчунин, манбаъ қайд кардааст, ки мураббӣ метавонад дар ҳолатҳои махсус аз волидон хоҳиш кунад, ки кӯдаки худро пештар гиранд, масалан, агар кӯдак бемор бошад, худро норохат ҳис кунад ё гиря карда, аз хӯрок ва хоб даст кашад. Аммо маҷбур кардани волидон барои гирифтани кӯдак то соати 17:00 ғайриқонунӣ аст.

Бар иловаи ин, баъзе волидон аз он низ шикоят кардаанд, ки агар кӯдакашон баъд аз соати 8:00 ё 8:30 ба боғча расад, иҷозаи ворид шудан намедиҳанд.

Масъулони Раёсати маориф дар посух ба ин шикоятҳо гуфтаанд, ки кӯдакистонҳо низ реҷаи кори худро доранд ва бояд онро риоя кунанд.

"Масалан, соати 8:30 машқҳои пагоҳирӯзӣ оғоз мешавад, пас аз он наҳорӣ ва соати 9:30 кӯдакон ба сайругашт ё машғулиятҳои таълимӣ омода мешаванд. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки кӯдакон сари вақт ба боғча ҳозир шаванд",- қайд кардааст манбаъ.

Аммо таъкид шудааст, ки агар кӯдак бо сабаби ташрифи табиб ё вазъияти оилавӣ дер ояд, волидон бояд пешакӣ мураббӣ ё маъмурияти кӯдакистонро огоҳ кунанд.

Ҳоло нархи парастории кӯдакон дар кӯдакистонҳои давлатӣ 150 сомонӣ муқаррар шуда, маблағ бояд ғайринақдӣ, тариқи барномаи "Пардохти ҳушманд" (Smart Pay) пардохт шавад. Масъулини Вазорати маориф ва илм мегӯянд, ки дар сурати маблағи нақд талаб кардан сокинон метавонанд ба вазорат ё шуъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳо шикоят баранд.

## РЕЗААХБОР

Бо мақсади таҷлили сазовори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе сохтмони 7 коргоҳу корхонаи саноатӣ ба нақша гирифта шудааст. Ба гуфтаи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳия Умед Гуреззода, ин корхонаҳо 165 ҷойи нави кориро фароҳам меоранд.

***

26-27-уми феврал дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнии шаҳри Душанбе шоми мусиқии Болливуд баргузор мегардад. Оркестри симфонӣ саундтрекҳои машҳури синамои Ҳинд, аз ҷумла аз филмҳои «Сангам», «Хоҳиши қасосгирӣ», «Алибобо ва 40 роҳзан», «Ом Шанти Ом» ва дигаронро иҷро хоҳад кард.

***

Мутахассисони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон амалиёти ҷарроҳии урологиро бо усули лапароскопӣ, яъне бе буриши калон анҷом доданд. Дар ин бора Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар додааст. Ба гуфтаи мутахассисон, қаблан чунин ҷарроҳиҳо бо усули кушода анҷом мешуданд, ки барои беморон осеби бештар мерасонд ва давраи барқароршавӣ тӯлонӣ буд. Бо истифода аз усули нави лапароскопӣ, беморон метавонанд пас аз 2-3 рӯз ба хона рухсат дода шаванд.

***

Дар Душанбе бақайдгирӣ ва системабандии ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ ба анҷом расид. Тавре Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ хабар медиҳад, ҳамаи ёдгориҳои нав ва мавҷуда ба Феҳристи ягонаи давлатии ёдгориҳо ворид карда шуданд.

***

Озмуни ҷумҳуриявии "Муаллими сол", ки бо ташаббуси Вазорати фарҳанг миёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ баргузор шуд, ҷамъбаст гардид.

Зафар Шариф, омӯзгори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, Абдусалом Орипов, омӯзгори Мактаб-интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявӣ ба номи Миратулло Атоев, Лутфуллои Раҳматулло, омӯзгори Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқулов ғолиб дониста шуданд.




## "WILDBERRIES" ДАР ДУШАНБЕ

**Дар рӯзи ҷашни "Наврӯз" - 21-уми марти соли 2025 аввалин нуқтаи расмии колорасони бозори онлайнии "Wildberries" дар Душанбе ифтитоҳ хоҳад ёфт.**

Тавре манбаъҳо ба "Азия-Плюс" хабар додаанд, нуқтаи фурӯши "Wildberries" дар маркази шаҳр, рӯ ба рӯи бозори маъруфи "Зелёний" ҷойгир аст. Гарчанде нуқта ҳоло расман боз нашудааст, вале таблиғоти ширкат дар гӯшаҳои гуногуни пойтахт дида мешавад. "Wildberries" як платформаи онлайнии фурӯш мебошад, ки имкониятҳои гуногуни хидматрасонӣ ва молҳои гуногуни кишварҳои зиёдеро пешниҳод мекунад, аз ҷумла либос, техника, воситаҳои ороишӣ, таҷҳизот барои хона ва дигар маҳсулот. Ин платформа осон ва роҳат барои истифодабарандагон аст, ки метавонанд молро аз гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон интихоб намуда, пардохтро ҳам онлайн ё баъди гирифтани мол анҷом диҳанд.

Бахтовар Усмонов

# ТАБИБИ ТОҶИК ДАР ОЛМОН



**Барои як фарзандро ба ҳайси инсони комил тарбия намудан падару модар заҳмати зиёд мекашанд. Ба ҳар падару модаре, ки "хушбахтиро дар чӣ мебинед?" гӯён савол медиҳанд, аксарият дидани бахту муваффақияти фарзандон мегӯянд. Ин аст, ки дастоварди ҷавонони муваффақро дида, кас аз он шукрона мекунад, ки ҷомеаи мо дар тарбияи фарзанд мавқеи устувор доранд.**





Вақте дастовардҳои Бахтовар Усмоновро мебинем, мо аз доштани чунин ҷавонони муваффақ ифтихор мекунем. Бахтовар ҷавонест, ки новобаста аз синну сол таҷрибаи хуби корӣ омӯхтааст. Забондону соҳибкасб аст.

Усмонов Бахтовар Яҳёевич 12-уми августи соли 1995 дар шаҳраки Ғончӣ, ноҳияи Деваштич таваллуд шудааст. Хатмкардаи мактаби махсуси рақами 5-и ҷамоати деҳоти Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мебошад.

Соли 2013 ба ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуда, соли 2019 онро бомуваффақият хатм кардааст. Худи ҳамон сол дар Беморхонаи клиникии дили шаҳри Душанбе ҳамчун кардиолог ба Интернатура дохил шуда, як сол таҷриба омӯхтааст. Баъди хатми Интернатура ҳамчун ординатор барои такмили ихтисос 2 сол дар ҳамон клиника фаъолияташро давом дод. Моҳи феврали соли 2023 мувофиқи лоиҳаи Ausbildung als Pflegefachkraft ба давлати Олмон меравад. Дар муддати якумин сол барои тасдиқи дипломҳояш имтиҳонҳои давлатиро бомуваффақият супорида, ҳоло ҳамчун кардиолог дар клиникаи Олденбург кору фаъолият мебарад.

Ӯ духтури ҷавону муваффақи дилшинос аст. Лаҳзае вақти худро барҳадар сарф накардан боис шуд, ки ӯ дар баробари мукаммал аз худ намудани забони модарӣ - тоҷикӣ забонҳои олмонӣ, англисӣ, русиро хеле хуб азбар намуд. Ин аст, ки дар баробари ихтисоси духтурӣ забонҳоро донистанаш ба духтури барӯманди яке аз клиникаҳои Аврупо шуданаш сабабгор гашт. Соли 2022 гурӯҳи духтурон аз Швейтсария ба Тоҷикистон меоянд. Дар ноҳияи Қубодиён ду ҳафта бо онҳо ба ҳайси тарҷумони соҳибихтисос кор карда, таҷрибаи зиёдро ба даст овард. Дар байни онҳо ҷарроҳон, анестизиологҳо ва ҳамшираҳои ҷарроҳи бомаҳорат буданд, ки ҳатто як рӯз бо онҳо будан як китобро омӯхтанро мемонд. Бахтовар аз он изҳори мамнуният мекунад, ки маҳз забон донистанаш сабаби бо онҳо ҳамкорӣ карданаш гардида буд. Ин гурӯҳи корӣ боз ду маротибаи дигар ба Тоҷикистон омада, боз айнан Бахтовар Усмоновро барои ҳамкорӣ даъват карданд ва ӯ аз ин сафарҳои корӣ низ таҷрибаҳои зиёдро ба худ гирифт.

Бо даъвати онҳо чанд маротиба ба Швейтсария рафта, бо тарзу усули корбарии онҳо шинос шудааст. Аз ин ҷост, ки новобаста аз ҷавонии худ Бахтовар ҷаҳонбинии васеъ ва таҷрибаи хуби кориро дорост. Бахтовар таъкид менамояд, ки дар баробари омӯхтани ягон касб агар ҷавонони имрӯза забон омӯзанд, имкониятҳояшон барои муваффақият бештар мегардад. Ҳамчунин, ӯ қайд мекунад, ки барои духтур доштани шароити мукаммали корӣ муҳим мебошад, ки ин шароитҳоро дар Олмон ва Швейтсария гувоҳ гаштааст. Як суханашро хостам айнан ба шумо расонам: "Чӣ қадаре, ки дар Олмон ва Швейтсария шароити корӣ хуб бошад ҳам, аммо одам Ватанро пазмон мешудааст. Маро ҳамеша меҳри Ватан ба сӯи худ мекашад. Ният дорам, ки таҷрибаҳои омӯхтаамро барои табобати беморони тоҷикистонӣ сарф кунам. Барои солимии ҷомеаи Тоҷикистони азизам саҳм гузорам".

**Озода НАБИЕВА,**
**сармуҳаррири рӯзномаи "Набзи Деваштич"**




**ҲАФТАНОМАИ "ТОҶИКИСТОН" БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР СОЛИ 2025 ОЗМУНИ "ТОҶИКОНИ САРБАЛАНД"-РО ЭЪЛОН МЕКУНАД!**

**Ҳадафи озмун:** Расонаҳои ҷаҳонӣ солҳои охир бештар дар бораи амалҳои манфии тоҷикон, аз ҷумла ҷинояту терроризм хабар медиҳанд, ки ин ба обрӯ ва симои миллат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки мо набояд чеҳраҳои муваффақи тоҷиконро, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолиятҳои назаррас доранд, фаромӯш кунем.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** ҳадаф дорад, ки тоҷикони муваффақро дар соҳаҳои гуногун - илм, фарҳанг, варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳо муаррифӣ намуда, барои ҷавонон намунаҳои ибрат нишон диҳад.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** аз 1-уми январи соли 2025 оғоз шуда, то 25-уми декабри соли 2025 идома меёбад.

**Шарти иштирок:**

- Матолиби шумо бояд дар бораи тоҷиконе бошад, ки дар хориҷи кишвар муваффақ шудаанд.
- Маводҳо бояд ҳаёти шахсони номбурда, роҳҳои муваффақият ва саҳми онҳоро дар соҳаи фаъолияти худ ба таври фарогир инъикос намоянд.
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад аз як то се мавод пешниҳод кунад.
- Маводҳо дар қолаби мақола, мусоҳиба, очерк ва лавҳа қабул карда мешаванд.
- Омодасозии як маҷмӯа аз маводҳои беҳтарин дар шакли китоб ва видео.

Ғолиби озмун бо мукофоти пулӣ ва **Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода** қадрдонӣ мешавад.

**МАТОЛИБИ ОЗМУН ДАР ШАКЛИ КИТОБ НАШР ХОҲАНД ШУД.**

# ҲАЛЛИ МУШКИЛИ СИСОЛА

## Интизорӣ аз мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон, Шавкат Мирзиёев ва Содир Ҷабборов

**31-уми марти соли равон қарор аст дар шаҳри Хуҷанд нахустин нишасти сеҷонибаи президентҳои се кишвари ҳамсоя - Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон баргузор шавад. Дар ин бора Эдил Байсалов, ноиби раиси Девони вазирони Қирғизистон хабар додааст.**



### ҚАДАМИ МУҲИМ

Байсалов ин нуктаро зимни иштирок дар иҷлосияи 58-уми Шӯрои ҳуқуқи башари СММ дар Женева зикр карда, гуфтааст, ки "ин нишаст барои таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ қадами муҳиме хоҳад буд".

Дар ин мулоқот созишномахое, ки қаблан байни раисҷумҳурҳои се кишвар дар робита ба масъалаҳои марзӣ мувофиқа шуда буданд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Ҳамчунин, Эдил Байсалов аз ин минбар эълон кардааст, ки хати марзи байни Қирғизистон ва Тоҷикистон мувофиқа шудааст.

"Барои расидан ба ин созиш ҷасорат, қатъият ва садоқати қавӣ ба сулҳ зарур буд. Ин созиш қудрати дипломатия ва ҳамкориҳои минтақавиро собит месозад ва мо омодаем, ки ин дастовардро боз ҳам рушд диҳем",- зикр кардааст ӯ.

Ин нахустин нишасти сеҷонибаи сарони се кишвар - Эмомалӣ Раҳмон, президенти Тоҷикистон, Содир Жапаров, президенти Қирғизистон ва Шавкат Мирзиёев, президенти Ӯзбекистон хоҳад буд.

### МУҲИМТАРИН САНАДИ ТАЪРИХӢ

Қабл аз нашри ин хабар, давоми хафтаи равон, дар шаҳри Бишкеки Қирғизистон Саймумин Ятимов ва Қамчибек Тошиев, раисони кумитаҳои амнияти миллии Тоҷикистону Қирғизистон (КДАМ) созишномаи ниҳоии таъини хати марзи Тоҷикистону Қирғизистонро имзо кардаанд.

Хабаргузории "Ховар" бо такя ба КДАМ-и Тоҷикистон иттилоъ дод, ки созишнома рӯзи 21-уми феврал имзо шудааст.

Манбаъ навишт, ки ҳамраисони ҳайатҳои ҳукуматии ду кишвар оид ба маконнигорӣ ва таъину аломатгузории сарҳади давлатӣ дар умум се созишномаи вобаста ба марзи ду кишварро ба имзо расонидаанд:

- *Созишнома байни Тоҷикистон ва Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии ду кишвар;*
- *Созишнома байни Тоҷикистон ва Қирғизистон дар бораи сохтмон ва истифодаи роҳҳои мошингард ва истифодабарии чорроҳаҳо;*
- *Созишномаи байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Девони вазирони Қирғизистон дар бораи таъмини дастрасии дуҷониба ба иншооти обӣ ва энергетикӣ.*

Ҷузъиёти дигаре аз ин созишномаҳо ифшо нашудааст.

Саймумин Ятимов, раиси КДАМ-и Тоҷикистон баъди имзои созишнома дар суҳбат бо расонаҳо гуфтааст, ки "баъд аз корҳои тӯлонӣ, душвор, вале самаранок, созишномаҳо дар бахшҳои обу энергетика ва роҳсозӣ омода ва имзо шуданд".

"Муҳимтарин санади таърихӣ, ки имрӯз ба имзо расид, Созишнома дар бораи таъину аломатгузории марзи Қирғизистону Тоҷикистон аст",- изҳор доштааст Ятимов.

Ӯ таъкид кардааст, ки ниҳоят ин ҳуҷҷатҳо ба марҳилаи ниҳоии худ расиданд.

"Ин санадҳои муҳими ҳуқуқӣ барои баррасӣ ва имзо ба роҳбарияти олии ҳарду кишвар пешниҳод хоҳанд шуд. Дар сурати қонунӣ шудани онҳо баҳси 100-солаи ду давлати бародар бар сари масъалаи марз хотима хоҳад ёфт. Ин созишномаҳои таърихӣ, пас аз имзои роҳбарони давлатҳо, ормонҳои таърихии мардумони моро инъикос карда, ба манфиатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва дигар бахшҳо хизмат мекунанд",- афзудааст раиси КДАМ-и Тоҷикистон.

Қамчибек Тошиев, раиси КДАМ-и Қирғизистон низ дар суҳбат бо хабарнигорон гуфтааст, ки "мо санади ниҳоии таъини сарҳади Қирғизистону Тоҷикистонро имзо кардем".

Ёдовар мешавем, ки 8-уми феврал сарвазирони Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон мулоқот карда буданд. Мулоқоти Қоҳир Расулзода, Одилбек Қосималиев ва Абдулло Орипов дар нуқтаи пайванди марзҳои се кишвар баргузор гардид. Дар ин нуқта марзҳои вилояти Суғди Тоҷикистон, вилояти Боткенди Қирғизистон ва вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон пайваст мешаванд.

Мушкили марзӣ миёни се кишвари Осиёи Марказӣ - Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон пас аз фурӯпошии Шӯравӣ ҳалношуда боқӣ монд ва дар ду даҳаи охир боиси низоъҳо, аз ҷумла низоъҳои мусаллаҳонаи қурбониовар низ гардид. Тайи чанд соли охир се кишвар талош карданд, ки мушкили марзиро бо роҳи гуфтушунид ҳал кунанд. Мулоқоти се президент дар Наврӯзи имсол қарор аст баҳсҳои 30-соларо хотима бахшад.

**Д. ҚОДИРПУР**






# ДУХТУРЕ, КИ ҚАЛБҲОРО НАҶОТ ВА

**Чунин ҳам мешавад, ки ҳирфаи оянда инсонро қабл аз он ки худаш масири хешро бифаҳмад, интихоб мекунад. Алалхусус вақте сухан дар бораи сулолаи табибон меравад. Ин на танҳо тӯҳфа аз қазост, балки масъулияти бузурги сазовори боварӣ будан, давом додани таҷрибаи андӯхта, рушд ва такмили он низ мебошад. Ин нукта ба доктор Заурбек Ҳасанович Шугушев - яке аз духтурони барҷастаи қалб ва ҷарроҳи эндоваскулярии замони муосир тааллуқ дорад. Хонадони ӯ тайи даҳсолаҳои зиёд ҳаёти худро барои табобати қалби мардум бахшидаанд. Вай на танҳо пешаи аҷдодиро идома дод, балки қуллаҳои навро дар тибби Русия ва ҷаҳон фатҳ намуд.**



*Заурбек Ҳасанович Шугушев, доктори илми тиб, профессор*

**САВОЛ: Заурбек Ҳасанович, чӣ гуна шумо ба соҳаи тиб омадед ва чаро маҳз кардиологияро интихоб намудед?**

**ҶАВОБ:** Падари ман, Шугушев Ҳасан Хаталович, яке аз кардиологҳои шинохта на танҳо дар Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар тамоми ҷаҳон буд. Ӯ дар институте таҳсил ва фаъолият кард, ки роҳбари он донишманди бузург Евгений Иванович Чазов буд. Дар як вақт падарам табиби шахсии Леонид Илич Брежнев буд. Ӯ бо Чазов якчанд корҳои илмии муштарак дошт, ки дар маҷаллаҳои бонуфуз, аз ҷумла American Heart Journal нашр шудаанд.

Аз ин рӯ, ман намояндаи сулолаи табибон ҳастам: падари ман ҳамеша кардиолог буд ва ман аз кӯдакӣ ҳеҷ шакке надоштам, ки ин касби ояндаи ман хоҳад шуд.

**САВОЛ: Шумо чӣ гуна дар як вақт тавонистед фаъолияти клиникӣ, илмӣ ва маъмуриро муттаҳид пеш баред? Чунин шева ба сифати коратон чӣ таъсир мерасонад?**

**ҶАВОБ:** Дар ин маврид профессор Преображенский дар асари "Дили саг"-и Булгаков мегӯяд: "Вақт ба касе итоат мекунад, ки ҳаросон шитоб надорад". Ман кӯшиш мекунам, ки худро парешон насозам ва бо низоми муайян корҳоямро анҷом диҳам.

Фаъолияти илмӣ ба ман имконият медиҳад, ки аз навтарин технологияҳо ва тадқиқотҳои соҳа огоҳ бошам. Фаъолияти маъмурӣ маро ҳавасманд месозад, ки низоми муассири кумаки тиббиро рушд диҳам. Аммо амалияи клиникӣ - асоси ҳамаи ин аст, он чизест, ки ба ман неру мебахшад. Вақте ки ҳамаи ин ҷузъҳо бо ҳам алоқаманданд, якдигарро тақвият медиҳанд, сифати кор беҳтар мешавад.

**САВОЛ: Чӣ чиз ба шумо кумак мекунад, ки ҳамеша пеш ҳаракат кунед?**

**ҶАВОБ:** Зиндагии падар. Ӯ дар як оилаи оддӣ ба воя расидааст: бобоям дар деҳа оҳангар буд, бо вуҷуди ин падарам тавонист ба қуллаҳои баланди илм ва кардиология расад. Ин ба дӯши ман масъулияти бузургро бор мекунад. Водор месозад, ки кори ӯро идома диҳам ва парчамеро, ки ӯ барафрохт, баланд нигоҳ дорам.

Дар оилаи мо ҳама табибанд - модар, хоҳарам ва ман. Дарк мекунам, ки мо на танҳо сулолаи касбиро, балки ном ва шаъни хонаводаамонро низ ҳифз мекунем.

**СТРЕСС - ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ АСОСИИ ГИРИФТОРӢ БА БЕМОРИҲОИ ДИЛУ РАГҲО АСТ. ҚАБЛАН БЕМОРИҲОИ ДИЛУ РАГҲОРО "БЕМОРИИ ОДАМОНИ ТУГМАФИШОР" МЕНОМИДАНД - ЯЪНЕ ОНҲОЕ, КИ МАСЪУЛИЯТИ БУЗУРГ ДОРАНД ВА ДАР ШИДДАТИ АСАБӢ ҚАРОР ДОРАНД.**

**САВОЛ: Ба назари шумо, кардиология дар Русия ва кишварҳои пасошӯравӣ дар 20 соли охир чӣ гуна рушд ёфт? Кадом тамоюлҳо ба назари шумо муҳимтарин ҳастанд?**

**ҶАВОБ:** Дар солҳои 2000-ум кардиология дар Русия як қадами бузург ба пеш гузошт. Доруҳои муассир, технологияҳои шунтгузорӣ ва табобати эндоваскулярӣ рушд ёфтанд. Пас аз кушода шудани "пардаи оҳанин", мо бисёре аз таҷрибаи ҳамкорони хориҷиро зуд аз худ кардем.

Ҳоло, вақте ки ман дар конфронсҳои байналмилалӣ ширкат мекунам, мебинам, ки мо на танҳо ақиб намондаем, балки дар бисёр соҳаҳо пешсаф низ ҳастем.

Як тамоюли муҳим - гузариш ба сатҳи нави пешгирии ибтидоии бемориҳои дилу раг мебошад. Мо бояд ба мардум аҳамияти тарзи ҳаёти солим, ғизои мутавозин ва назорати нишондиҳандаҳои саломатӣ пеш аз гирифтани доруҳоро фаҳмонем.

Ин гуна "тибби пешгирикунанда" натиҷаи беҳтарин медиҳад ва ҳамзамон сармоягузории зиёд талаб намекунад.

**САВОЛ: Чӣ чиз шуморо водор сохт, ки фаъолиятатонро дар бемористони Роҳи оҳан ба роҳ монед?**

**ҶАВОБ:** Вақте ки ман ба РЖД-тиб пайвастам, махсусиятҳои низоми ин бемористон фавран маро ҷалб кард. Ин на танҳо як беморхонаи шаҳрӣ аст, ки танҳо ба ёрии фаврӣ нигаронида шудааст ва на як маркази федералӣ, ки танҳо ҷарроҳиҳои нақшавиро анҷом медиҳад. Дар ин ҷо ҳамбастагии ду самт вуҷуд дорад: ҳам ёрии нақшавӣ ва ҳам фаврӣ.

Ғайр аз ин, тибби роҳи оҳан аз замони Шӯравӣ мактаби қавии илмӣ дошт. Дар замони худ онро Олег Юревич Атков - Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ роҳбарӣ мекард. Ӯ маро дастгирӣ намуд ва ҳамин тавр, ман ба системаи ОАО "РЖД" ворид шудам.

Меҳоҳам махсус саҳми Елена Анатолевна, директори марказро зикр кунам, ки нақши бузург дар рушди ин муассисаи тиббӣ гузоштааст. Бо кӯшишҳои ӯ марказ фаъолона муосирсозӣ шуда, бо таҷҳизоти навтарин таъмин гардида, технологияҳои пешрафтаи ташхис ва табобат ҷорӣ мегарданд. Имрӯз низоми тандурустии роҳи оҳан босуръат рушд мекунад, сатҳи хизматрасонии тиббиро на танҳо барои кормандони роҳи оҳан, балки барои тамоми беморон беҳтар менамояд.

**САВОЛ: Шумо бо Роҳи оҳани Тоҷикистон ҳамкорӣ доред?**

**ҶАВОБ:** Тавре ки ман медонам, як филиали мо дар Ӯзбекистон фаъолият дорад, аммо дар Тоҷикистон ҳанӯз не. Бо вуҷуди ин, самти ҳамкориҳои байналмилалӣ фаъолона рушд меёбад. Умедворам, ки дар оянда таҷрибаи моро ба Тоҷикистон низ паҳн кардан мумкин хоҳад шуд.

**САВОЛ: Ба андешаи шумо, чаро дар Осиёи Марказӣ беморҳои дилу раг хеле зиёданд?**

**ҶАВОБ:** Омилҳои таъсиргузор зиёданд:

*- Тарзи ҳаёт.*

*- Норасоии корҳои фаҳмондадиҳӣ.*

*- Эътимоди паст ба тибби анъанавӣ (расмӣ).*

Як омили дигар - таомҳои суннатӣ аст, ки дар баъзе минтақаҳо бо ғизои серравған бой мебошад. Илова бар ин, бисёре аз одамон танҳо дар ҳолатҳои вазнин ба табиб муроҷиат мекунанд, ки боиси бадтар шудани ҳолати онҳо мегардад.

Ҳамаи ин боис мешавад, ки бемориҳои дилу раг дар синни ҷавонӣ пайдо ва бо гузашти вақт шадидтар мешаванд.

**САВОЛ: Оё тафовуте миёни бемориҳо дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ вуҷуд дорад?**

**ҶАВОБ:** Бале, бешубҳа.

- Дар занон аксар вақт таваллуди пайдарпай мушоҳида мешавад, ки метавонад ба системаи дилу раг таъсир расонад.
- Дар мардон зиёд шудани фарбеҳӣ, гипертония ва сатҳи баланди холестерин дар синни ҷавонӣ нисбат ба Аврупо ва Русия бештар мушоҳида мешавад.

Ҳамаи ин натиҷаи омилҳои генетикӣ, тарзи ҳаёт, ғизо ва набудани ташхиси мунтазам мебошад. Дар натиҷа, беморихо 10-15 сол пештар аз аврупоиҳо ва русҳо пайдо мешаванд.

**САВОЛ: Яъне, анъанаҳо ва урфу одати мардум ба пайдо шудани бемориҳои дил таъсир доранд?**

**ҶАВОБ:** Бешубҳа. Пештар таомҳои серкалория мушкил эҷод намекарданд, зеро одамон фаъолияти ҷисмонии баланд доштанд.

Имрӯз бошад, ҳаракат хеле кам шудааст, аммо дастрасии ғизо ва фастфуд хеле афзоиш ёфтааст. Илова бар ин, маданияти ташхиси солона дар байни аҳолӣ вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, бемор ноаён рушд мекунад ва танҳо дар марҳилаи вазнин ошкор мешавад.

**САВОЛ: Аз рӯи таҷрибаи шумо, ба сокинони Тоҷикистон барои пешгирии бемориҳои дилу раг чӣ маслиҳат медиҳед?**

**ҶАВОБ:** Пеш аз ҳама - муназзам аз ташхис гузаштан.

**Ҳадди ақал 1 маротиба дар як сол бояд ба терапевт ё духтури оилавӣ муроҷиат кард.**

- *Инсон бояд танҳо ба ҳиссиёти худ такя накунад - ҳатто шахсе, ки худро хуб ҳис мекунад, метавонад патологияи ҷиддӣ дошта бошад.*
- *Омилҳои хатарро бар-*

# САРНАВИШТРО ТАҒЙИР МЕДИҲАД



*Профессор З. Х. Шугушев ҳангоми амалиёти ҷарроҳӣ*

*вақт муайян кардан лозим аст, то пеш аз пайдоиши мушкилоти вазнин онҳоро ислоҳ кард.*

• *Ба ғизои солим аҳамият диҳед, аз ғизои серравған ва хӯроки зиёдатӣ худдорӣ кунед.*

• *Бештар ҳаракат кунед.*

**САВОЛ: Кадом барномаҳои иловагии тиббӣ барои Тоҷикистон муфид хоҳанд буд, то хатари бемориҳои дилу рагро коҳиш диҳанд?**

**ҶАВОБ:**

• *Барномаҳои оммавии маърифатӣ - тавассути ТВ, интернет ва радио аҳолиро дар бораи таваҷҷуҳ ба саломатии дилу раг огоҳ кардан.*

• *Барномаҳои ташхиси ройгон - ташкили муоинаи тиббии солона барои одамони аз 40-сола боло.*

• *Машваратҳои фосилавӣ бо мутахассисони байналмилалӣ - истифодаи телемедитсина барои ташхис ва машварат бо духтурони ботаҷриба.*

**ПЕШТАР ТАОМҲОИ СЕРКАЛОРИЯ МУШКИЛ ЭҶОД НАМЕКАРДАНД, ЗЕРО ОДАМОН ФАЪОЛИЯТИ ҶИСМОНИИ БАЛАНД ДОШТАНД. ИМРӮЗ БОШАД, ҲАРАКАТ ХЕЛЕ КАМ ШУДААСТ. ИЛОВА БАР ИН, МАДАНИЯТИ ТАШХИСИ СОЛОНА ДАР БАЙНИ АҲОЛӢ ВУҶУД НАДОРАД. ҲАМИН ТАВР, БЕМОРӢ НОАЁН РУШД МЕКУНАД ВА ТАНҲО ДАР МАРҲИЛАИ ВАЗНИН ОШКОР МЕШАВАД.**

• *Ташвиқи тарзи ҳаёти солим - бо роҳандозии барномаҳои фитнес, ғизои солим ва варзиш барои аҳолӣ.*

• *Омӯзиши духтурони маҳаллӣ - баргузории семинарҳо ва курсҳои махсус барои табибони тоҷик бо иштироки мутахассисони пешрафтаи байналмилалӣ.*

Ҳамаи ин метавонад вазъи саломатии аҳолиро беҳтар карда, шумораи бемориҳои дилу рагро дар Тоҷикистон кам кунад.

**САВОЛ: Шумо мутахассиси шинохта дар соҳаи ҷарроҳии эндоваскулярӣ ҳастед. Ба андешаи шумо, кадом технологияҳои муосир дар ин соҳа инқилобӣ мебошанд?**

**ҶАВОБ:** Дар айни замон, ба назари ман, амалиёти эндоваскулярӣ дар клапанҳои дил аз ҳама умедбахш мебошад.

Пештар барои иваз кардани клапани дил ҷарроҳии кушода лозим буд, ки бо қатъ шудани кори дил, истифодаи системаи гардиши хун ва хатарҳои зиёд ҳамроҳ буд.

Имрӯз бошад, клапани аортаро метавон тавассути рагҳо имплантатсия кард - аксар вақт танҳо бо анестезияи маҳаллӣ. Ин усул хавфи осеби вазнинро кам мекунад ва ба беморон имконияти пурраи муолиҷа медиҳад.

**САВОЛ: Оё телемедитсина дар кардиология муҳим аст? Оё он метавонад дар минтақаҳои дурдаст, масалан дар Тоҷикистон истифода шавад?**

**ҶАВОБ:** Албатта, ҳа. Мо наметавонем дар ҳар як ноҳия кардиологи сатҳи олӣ дошта бошем. Аммо технологияҳои телемедитсинӣ имкон медиҳанд, ки дар ҳама ҷо машварати мутахассисон дастрас бошад.

Кардиолог метавонад дар марказ фаъолият кунад, дар ҳоле ки беморон дар шаҳру деҳот метавонанд ба ӯ муроҷиат кунанд.

Телемедитсина ояндаи бузург дорад ва ман мутмаинам, ки дар 10-20 соли оянда кишварҳои зиёд бо инфрасохтори телемедикӣ фаро гирифта мешаванд.

**САВОЛ: Вақте ки шумо стратегияи табобат тартиб медиҳед, афзалияти аввалиндараҷа бароятон кадом аст: мубориза бо нишонаҳо ё бартараф кардани сабаби аслӣ?**

**ҶАВОБ:** Пеш аз ҳама - дароз кардани умри бемор.

Табиб бояд ба пешомади беморӣ таъсир расонад ва хатари маргро коҳиш диҳад.

Дар ҷои дуюм - беҳтар кардани сифати зиндагӣ: бартараф кардани дард, коҳиш додани нафастангӣ ва дигар нишонаҳо.

Аммо ҳадафи асосӣ - ҳифз ва дароз кардани умр аст.

**САВОЛ: Оё метавонед як ҳодисаи нодирро аз таҷрибаи худ нақл кунед?**

**ҶАВОБ:** Як бор мо бемореро доштем, ки асорати вазнин дошт - хунравии шадид дар рагҳо. Ҷарроҳии дубораи бемор ба миён омад. Бемор 7 литр хун аз даст дод. Бо вуҷуди ин, мо тавонистем ӯро бе ягон оқибатҳои ҷиддӣ муолиҷа кунем.

Ин самараи кори дастаҷамъӣ буд:

• *ҷарроҳони раг,*

• *реаниматологҳо,*

• *кардиологҳо,*

• *мутахассисони эндоваскулярӣ якҷоя стратегияи дурустро муайян карданд.*

Натиҷа, бемор зинда монд ва ин барои мо мояи ифтихор буд.

**САВОЛ: То чӣ андоза стресс омили муҳими хатари бемориҳои дилу раг аст? Шумо ба одамоне, ки дар фишори равонии доимӣ зиндагӣ мекунанд, чӣ тавсия медиҳед?**

**ҶАВОБ:** Стресс - яке аз омилҳои калидӣ аст.

Пештар бемориҳои дилу рагро "бемории одамони тугмафишор" меномиданд - яъне онҳое, ки масъулияти бузург доранд ва дар шиддати асабӣ қарор доранд.

*Ман тавсия медиҳам:*

• *Фаъолияти ҷисмонӣ бештар кунед (масалан, пиёдагардӣ).*

• *Реҷаи рӯз ва хобро дуруст танзим намоед.*

• *"Гигиенаи рақамӣ"-ро риоя кунед:*

• *2 соат пеш аз хоб телефонро хомӯш кунед.*

• *Набояд субҳ аз тамошои хабарҳо оғоз шавад - ин сатҳи стрессро афзоиш медиҳад.*

**САВОЛ: Шумо ба хонандагон чӣ маслиҳат медиҳед, ки дилу раги худро солим нигоҳ доранд?**

**ҶАВОБ:**

• Ҳар рӯз 30-60 дақиқа пиёда гардед, махсусан пеш аз хоб.

• Ғизои вазнинро бегоҳ нахӯред - пас аз сайругашт барои хоб омода шавед.

• Хоби солим яке аз омилҳои асосии саломатии дил аст.

**САВОЛ: Оё "қоидаҳои тилоӣ" доред, ки барои пешгирии бемориҳои вазнин одамон онҳоро риоя кунанд?**

**ҶАВОБ: Қоидаи тилоӣ:**

• *Ба духтур муроҷиат кунед ва тавсияҳои ӯро риоя намоед.*

• *Аз худтабобаткунӣ худдорӣ кунед ва тафсири шахсӣ ба машварати духтур надиҳед.*

• *Ташхисҳои тиббиро ҳамчун ҷузъи ҳаёти худ қабул кунед - чуноне ки ғизо ва дигар одатҳоро.*

**САВОЛ: Агар шумо кардиолог намешудед, ба кадом касб машғул мешудед?**

ҶАВОБ: Ростӣ, тасаввур карда наметавонам. Ман аз кӯдакӣ кори падарамро медидаму омӯхтаам - ӯ кардиологи бузург буд.

Ба назари ман, дил муҳимтарин узви инсон аст ва тамоми ҳаёти ман ба ин соҳа пайванд аст.

**Мусоҳиб:**
**Шариф ҲАМДАМПУР**
**Тарҷума аз рӯзномаи "Аргументы и факты", №7, 2025**

ИҚДОМ

# ТОҶИКИСТОН, ӮЗБЕКИСТОН ВА ҚИРҒИЗИСТОН БАРОИ МИЗБОНИИ ҶОМИ ОСИЁ-2031 ПЕШНИҲОДИ МУШТАРАК ИРСОЛ МЕКУНАНД

**Тоҷикистон дар баробари Ӯзбекистон ва Қирғизистон барои қабули мизбонии Ҷоми Осиё-2031 талош хоҳад кард.**

Федератсияҳои футболи се кишвари Осиёи Марказӣ ба қароре омаданд, ки барои мизбонии мусобиқоти қаҳрамонии Осиё дархости муштарак ирсол кунанд. Ҷоми Осиё ҳеҷ гоҳ дар Осиёи Марказӣ баргузор нашудааст.

Президенти Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ Рустам Эмомалӣ ҳанӯз дар Конгресси CAFA дар соли 2023 хоҳиши пешниҳоди дархости муштарак барои баргузории Ҷоми Осиёро изҳор карда буд: «Минтақаи Осиёи Марказии мо дар таърихи худ ҳеҷ гоҳ қисми ниҳоии Ҷоми Осиёро мизбонӣ накардааст.




Ман фикр мекунам, ки фурсат фаро расидааст. Минтақаи моро дастаҳои хеле пуркувват намояндагӣ мекунанд ва бовар дорам, ки ҳамроҳ бо кишварҳои бародари худ қисми ниҳоии Ҷоми Осиёро дар сатҳи баланд баргузор хоҳем кард».

Раиси Конфедератсияи футболи Осиё Шайх Салмон бин Иброҳим Ал-Халифа дар суханронии худ дар Конгресси CAFA дар Душанбе дар соли 2023 аз ташаббуси Рустам Эмомалӣ дар мавриди пешниҳоди дархости муштараки кишварҳои Осиёи Марказӣ барои баргузории қисми ниҳоии Ҷоми Осиё пуштибонӣ кард ва гуфт, ки ин минтақа сазовори баргузории Чемпионати Осиё байни дастаҳои мунтахаб аст.

ҶОМИ ФТТ

# «ИСТИҚЛОЛ» БАРАНДАИ ҶОМИ ФЕДЕРАТСИЯИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН ШУД




**Дастаи «Истиқлол»-и Душанбе, ки аввалин бозии даври муқаддимотии Ҷоми Федератсияи футболи Тоҷикистонро бо шикаст оғоз карда буд, дар бозии финалӣ пирӯз ва барои 7-ум бор соҳиби ҷом шуд.**

Дар бозии ниҳоии Ҷоми Федератсия-2025 «Истиқлол» бар КМВА бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуд. Ҳарду голро легионери даста Денис Беганович зад.

Дар бозӣ барои ҷойи сеюм «Панҷшер»-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бар «Сомон»-и Данғара бо ҳисоби 3:0 пирӯз шуд.

Пас аз анҷоми рақобатҳо маросими ҷоизасупорӣ баргузор шуд. Нимҳимоятгари дастаи «Истиқлол» Денис Беганович беҳтарин бозигари бозии ниҳоӣ дониста шуд. Ба ҷуз аз ҷом, барандаи Ҷоми ФФТ-2025 «Истиқлол» бо маблағи 50 ҳазор сомонӣ қадрдонӣ карда шуд. Дастаи КМВА соҳиби 30 ҳазор сомонӣ ва барандаи медали биринҷӣ «Панҷшер» соҳиби 20 ҳазор сомонӣ шуданд.

ҶУДО

# ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН БА TASHKENT GRAND SLAM-2025 РАФТАНД




**Ҷудокорони Тоҷикистон дар мусобиқаи байналмилалии Tashkent Grand Slam-2025, ки аз 28-уми феврал то 2-юми март дар Тошканд (Ӯзбекистон) баргузор мешавад, ширкат хоҳанд кард. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 17 варзишгар намояндагӣ мекунанд.**

Бино ба иттилои Федератсяи байналмилалии дзюдо (IJF), дар ҳоли ҳозир 246 варзишгар аз 23 кишвар барои ширкат дар мусобиқаи “Grand Slam” номнавис шудаанд. Дар маҷмуъ, дар назар аст, ки устодони ҷудо аз панҷ қитъа ба татамӣ бароянд.

Ба ҳайати дастаи Тоҷикистон Меҳрзод Сӯфиев, Ҳақдод Гулов (60 кг), Нуралӣ Эмомалӣ, Умар Шеров (66 кг), Муҳиддин Асадуллоев, Абубакр Шеров (73 кг), Суннатулло Мусоев, Муҳаммад Юсуфзода (81 кг), Умед Раҷабов, Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов, Кароматулло Ҳакимов (100 кг), Мансур Раҳмон (+100 кг), Аҳлия Муъминова (48 кг), Мадина Курбонзода (52 кг), Александра Кан (57 кг), Виктория Киселева (+78 кг) шомиланд.

Маблағи умумии ҷоизаҳои мусобиқа 154 ҳазор евроро ташкил медиҳад. Ғолибони ҳамаи 14 вазн (7 мард ва 7 зан) 5000 евро, барандагони медалҳои нуқра 3000 евро, барандагони медалҳои биринҷӣ 1500 евро мегиранд.

РЕЗААХБОР



Баҳодур Усмонов (8-0, 3 KO) рақобати навбатии худро рӯзи 15-уми март дар Лигаи бокси RCC дар Екатеринбург баргузор мекунад,- хабар медиҳад Premier Boxing Academy. Рақиби Баҳодур дар ин мубориза дар вазни то 63,5 кг муштзани ӯзбек Нодирбек Сойибов (9-0) хоҳад буд. Дар ҳамин ҳол, муштзани тоҷик ба нахустин кувваозмоии имсолаи худ омодагӣ мегирад. Усмонов дар ринги касбӣ ягон бор мағлуб нашудааст. Охирин набарди ӯ моҳи июни соли гузашта дар Екатеринбург буд, ки бар Довуд Алаев аз Русия пирӯз шуд.

***

Дар Чемпионати дучархасавории Осиё-2025, ки аз 7 то 16-уми феврал дар шаҳри Фитсанулоки Тайланд баргузор шуд, як тим иборат аз шаш кас аз Тоҷикистон ширкат дошт. Ринат Батиршин аз ин ҳайат ду медал ба даст овард. Вай дар даври инфиродӣ дар байни 13 ширкаткунанда медали биринҷӣ гирифт. Баъд, дар пойгаи гурӯҳӣ ба масофаи 64,5 километр сеюм шуд.

***

23-юми феврал дар мусобиқаи асосии Octagon 70 дар Алмаато размикори маъруфи тоҷик Комил Каратэ (Камариддин Ҳасанов, 10-3) барои ба даст овардани унвони чемпиони BMF бо размикори қазоқ Еркебулан Токтар (10-3) набард кард. Дар дақиқаи дуюми раунди чорум Токтар ҷоғи Комилро шикаст ва размикори тоҷик натавонист муборизаро идома диҳад. Ғалаба бо нокаути техникӣ ва унвони BMF насиби Эркебулан Токтар шуд.

***

Президенти клуби «Броук Бойз» аз медиалигаи Русия Дмитрий Егоров ба дастаи «Равшан» аз Кӯлоб пешниҳод кардааст, ки дар моҳи март барои 1 миллион рубл бозӣ кунанд. Гуфта мешавад, ки дастаи «Равшан» ин даъватро қабул кардааст. Роҳбари ин даста Ғайраталӣ Мираҳмадов гуфтааст, ки аз ҷониби худаш ба ин бозӣ 10000 доллар мегузорад. Ёдовар мешавем, ки чанде пеш «Равшан» бо собиқ футболбози “Броук Бойз” Алишер Раҳимов, ки бо роҳбарияти ин даста ихтилоф дошт, шартнома баст.

# СУҒД: 427 ҶИНОЯТИ КОРРУПСИОНӢ ДАР ЯК СОЛ

**Мақомоти Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ дар вилояти Суғд ҳолати ришваситонии як директори литсейи типпи навро ошкор кард. Ин ҳолатро кормандони Агентӣ ҳангоми фурӯши шаҳодатномаи хатм аз ҷониби роҳбари муассиса (ба хотири рафти тафтишот номашро ошкор накарданд) маълум карданд.**



Дар ин бора зимни нишасти хабарӣ сардори Оҷонсии зидди фасод Сафар Салимзода иттилоъ дод. Гуфта шуд, ки роҳбари литсейи типпи нав дар шаҳри Хуҷанд ҳангоми гирифтани пора барои омода кардани шаҳодатномаи хатм (аттестат) ба хонанда бидуни таҳсил дастгир шуд. Ҳоло нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 319-и Кодекси ҷиноятӣ (гирифтани пора аз ҷониби шахси мансабдор) боз карда шуда, тафтишот идома дорад.

Ба иттилои Сафар Салимзода, дар самти ҷиноятҳои коррупсионӣ, соли 2024-ум соҳаи маориф пешсаф буд. Дар ин давра дар умум 67 ҷиноят нисбати 16 нафар кормандони ин соҳа ба қайд гирифта шудааст.

Аз 67 ҷинояти коррупсионӣ дар соҳаи маориф 49 ҳолат аз тарафи 5 нафар устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров содир шудааст. Ба гуфтаи Салимзода, ҳоло нисбати масъулини донишгоҳ бо моддаҳои 314 (сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ), 315 (беамалӣ дар иҷрои вазифа), 323 (сохтакории ҳуҷҷатҳо), 245 (азонихудкунии маблағҳои буҷетӣ) ва 299 (тағйир додани иттилооти компютерӣ) парванда оғоз шуда, баъди тасдиқи айбдоркунӣ барои моҳиятан баррасӣ намудан ба суд ирсол карда шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки дар умум давоми соли 2024 дар вилояти Суғд 427 ҷинояти коррупсионӣ ва иқтисодии дорои хусусияти коррупсионӣ ба қайд гирифта шудааст. Ин омор нисбат ба соли 2023-юм 8 ҳолат зиёд мебошад.

Дар нишасти хабарии Оҷонсии зидди фасод дар Суғд ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки ҳанӯз аз соли 2007 то имрӯз 18 сокини вилояти Суғд дар ҷустуҷӯи расмӣ қарор доранд.

Давоми соли 2024 кормандони агентӣ 3 нафарро, ки аз тафтишот пинҳон буданду дар кофтукоби расмӣ қарор доштанд, дастгир карданд. 15 нафари дигар бинобар содир кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ расман дар ҷустуҷӯ қарор доранд.

**Ф. ШАМСИЕВА,**
**вилояти Суғд**



**Ин саги хизматӣ «Блек» ном дорад. Беш аз 3 сол мешавад, ки дар Раёсати Агентии назорати маводи нашъаовар дар вилояти Суғд барои дарёфти маводи мухаддир зимни санҷишҳо кумак мерасонад.**

Бояд гуфт, ки давоми соли 2024 кормандони раёсат бо истифода аз ин саги хизматӣ беш аз 8 кило маводи мухаддирро дар се ҳолат дарёфт кардаанд. Дар умум, давоми як соли гузашта «Блек» дар зиёда аз 12 санҷиш иштирок доштааст.



**Ҳадамоти гумрук интиқоли ғайриқонунии 6 ҳазору 490 қуттӣ маҳсулоти тамокуро, ки арзиши умумиашон 137 ҳазор сомониро ташкил медод, ошкор кардааст.**

Дар ин бора 19-уми феврал ин ниҳод иттилоъ дода, навиштааст, ки аз мошини Х. С., сокини Душанбе 6 навъи тамоку, аз ҷумла 1990 қуттӣ навъи “Winston”, 500 қуттӣ “Parliament”, 400 қуттӣ “Terea”, 100 қуттӣ “Sobranie”, 500 қуттӣ “Marlboro” ва 3 ҳазор қуттӣ “Heets” дарёфт гардидааст.

# АЙБ НАЁФТАНД

## Раҳоии блогери тоҷик аз боздоштгоҳи Русия

**Блогери тоҷик Ҷумъабой (Салмон) Раҷабзода, ки соли гузашта бо гумони “барангехтани кинаву адовати миллӣ ва паст задани шаъну шараф” дар Русия дастгир шуда буд, 20-уми феврал аз боздоштгоҳ озод шудааст.**



Ин блогери тоҷик, ки дар “Инстаграм” бо номи “Салмон” машҳур аст, рӯзи 24-уми феврал бо нашри наворе дар саҳифаи “Инстаграм”-и худ гуфтааст, муфаттишони рус нисбаташ “ягон айб наёфтанд ва парвандаро қатъ карданд”.

Блогер дар суҳбат ба Радиои Озодӣ гуфтааст, ки “тамоми муддате, ки дар хабс қарор дошт, барои исботи бегуноҳии худ талош кард”.

Ӯ мегӯяд, ки ба исботи бегуноҳиаш бовар дошт ва барои ин “бисёр қонун ва китобҳои ҳуқуқиро хонда, бо вакилони хуб кор кард ва ба мақомоти Русия шикоят навишт”.

Ҷумъабой Раҷабзода шаҳрвандии Тоҷикистон ва Русияро дошт, аммо баъди аз боздошт озод шуданаш мақомоти Русия шаҳрвандии ӯро бекор кардаанд. Аммо ӯ бо ишора ба эътирофи бегуноҳиаш гуфтааст, ки бояд шаҳрвандиаш барқарор шавад.

Ӯ мегӯяд, барои як муддат Русияро тарк кардааст, чунки бо вуҷуди исботи бегуноҳиаш дар Русия худро чандон амн эҳсос намекард.

Ҷумъабой (Салмон) Раҷабзод моҳи январи соли 2024 бо гумони “барангехтани кинаву адовати миллӣ ва паст задани шаъну шараф” дастгир шуда буд. Кумитаи тафтишоти Русия он вақт гуфта буд, ки ӯ дар наворҳои худ “шаъну шарафи духтарони дорои чеҳраи славянӣро паст мезад”.

Худи Раҷабзода ин иттиҳомро рад карда, гуфта буд, ки “садо ба ӯ тааллуқ надорад ва дар давоми кори худ ба касе бадӣ ё ба ангехтани бадбинии миллӣ даъват накардааст”.

# “КРОКУС”: МУҲЛАТИ ҲАБСИ ТОҶИКОНИ ГУМОНБАР БОЗ ДАРОЗ ШУД

**Суди ноҳияи Басманнийи шаҳри Маскав муҳлати ҳабси чаҳор шаҳрванди Тоҷикистонро, ки дар ҳамла ба толори консертии "Крокус Сити Ҳолл" гумонбар мешаванд, то охири моҳи марти соли 2025 дароз кард.**

Мурофиаи додгоҳӣ рӯзи 19-уми феврал баргузор шуда, суд муҳлати ҳабси Фаридуни Шамсиддин, Саидакрам Раҷабализода, Далерҷон Мирзоев ва Муҳаммадсобир Файзовро як моҳи дигар тамдид намуд. Қаблан, баррасии парвандаи онҳо бояд рӯзи 22-юми феврал баргузор мешуд, аммо бо қарори суд онҳо то охири моҳи март дар боздошт хоҳанд монд.

Ҳодисаи ҳамла ба толори "Крокус Сити Ҳолл" шаби 22-юми марти соли 2024 рух дода, дар натиҷа 20 нафар боздошт шуданд, ки 14 нафарашон зодагони Тоҷикистон мебошанд.



**Дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе паҳн шудааст, ки дар он як зан фарзанди хурдсоли худро бераҳмона мезанад. Гуфта мешавад, ки ин наворро худи ӯ барои шавҳараш, ки айни ҳол дар Русия қарор дорад, фиристодааст.**

Тибқи иттилои шуъбаи ВКД дар ноҳияи Рӯдакӣ, ин зан Норова Фирӯза Зиёевна, соли таваллудаш 30.10.1991 буда, истиқоматкунандаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чортеппа, деҳаи Ҷомӣ буда, бинобар нофаҳмиҳои оилавӣ бо собиқ шавҳараш Шоев Холмаҳмад тариқи телефонӣ мунокиша намуда, латукӯби фарзанди хурдсолаш Шоев Абубакрро ба навор гирифта, ба собиқ шавҳараш равон намудааст. Тафтишот идома дорад.

# БЕМОРИҲОИ ЗИМИСТОНА



## Барои мардон

**Миҷози мардон табиатан гарм аст, аз ҳамин сабаб аксари мардҳо, махсусан ҷавонмардон дар фасли зимистон ҳам пӯшидани либосҳои гармро хуш надоранд, аммо ин бепарвоӣ метавонад боиси гирифторӣ ба ҳар хел бемориҳои мардона гардад.**

Мардҳо дар фасли зимистон бештар ба илтиҳоби пешобдон ва дарди гурда гирифтор мешаванд. Барангезандаи илтиҳоби пешобдон ва илтиҳоби гурда, ки онро бо забони тиббӣ пиелонефрит меноманд, асосан бактерияҳое мебошанд, ки дар айёми сармо якбора зиёд ва хеле фаъол мегарданд. Дар фасли зимистон бар асари гармохунук шудани организм бактерияҳо ба ҳуҷум мегузаранд ва дар натиҷа кас ба осонӣ ба илтиҳоби пешобдон ва ё илтиҳоби гурда гирифтор шуда метавонад.

Рагҳои хунгард бар асари гармохунук шудани организм якбора танг шуда, гардиши хун суст мешавад ва бар асари ин ҳолат ба бофтаҳои ҷисми мард ба миқдори зарурӣ оксиген, яъне кислород намерасад. Дар натиҷа бофтаҳо ҷандирии худро аз даст дода, наметавонанд фаъолона ба мукобили бактерияҳо ва дигар намудҳои уфуннатҳо мубориза баранд. Ҳамаи ин боиси ба осонӣ сироят ёфтан ва ба илтиҳоби пешобдон, ё гурда гирифтор шудани мард мегардад. Аксари мардҳои тоҷик бар он андешаанд, ки зимистони кишвари мо ҷандон хунук нест ва бо либоси начандон гарм низ онро пушти сар кардан мумкин аст, аммо табиб мегӯяд, ҳатто ҳавои 10 дараҷа гарм ҳам барои организми мард хатарнок аст.

Бемории дигаре, ки дар фасли зимистон мардҳоро бештар домангир мегардад, илтиҳоби ғадуди простата мебошад. Простатит бар асари аз узвҳои ҳампаҳлу ба узвҳои мардона гузаштани инфексияҳо, ё якбора гармохунук шудани организми мард сар зада метавонад.

**Чӣ бояд кард?**

Барои пешгирӣ кардани илтиҳоби пешобдон, илтиҳоби гурда, простатит ва дигар бемориҳо мардонро лозим аст, ки дар айёми сармо ба қоидаҳои зерин риоя намоянд:

1. Новобаста аз он ки барфу борон меборад ё не, дар фасли зимистон ҳамеша либоси гарм бипӯшед.

2. Барои пешгирӣ кардани бемориҳои мардона аз гармохунук шудани организм бояд эҳтиёт намуд.

3. Пойафзол бипӯшед, ки обро намегузаронда бошад. Аксар вақт маҳз бо сабаби об кашидани пойафзолашон мардҳо ба илтиҳоби пешобдон ва гурда гирифтор мешаванд.

4. Дар болои кафел ва дигар ҷойҳои сард муддати тӯлонӣ нашинед.

5. Дар фасли зимистон ба ҳеҷ ваҷҳ пойи луч нагардед.



## Барои занҳо

**Бонувон масъулиятҳои зиёдеро бар дӯш доранд, бинобар ин, ба саломатии худ бепарвой карда, ба илтиҳоби бачадон, хоришак, баста шудани найчаҳои бачадон ва дигар бемориҳои занона гирифтор мешаванд, ки оқибатҳои нохуш дошта, то бенаслӣ бурда мерасонанд.**

Барои пешгирии чунин ҳолат, имрӯз мо ба шумо дар бобии 5 бемории зимистонаи занона маълумот медиҳем.

1. Бар асари таъсири хунукӣ ва нам кашидани пойҳо занону духтарон дар фасли зимистон тез-тез ба хоришак-цистит гирифтор мешаванд.

2. Аз таъсири сармо занон ба илтиҳоби узви занона (вульвовагинит) низ гирифтор шуда метавонанд.

3. Боз як бемории зимистонаи занона варами дохилии сари бачадон (эндоцервицит) мебошад.

4. Бемории дигаре, ки дар айёми сармо бонувонро азият медиҳад, ин илтиҳоби санги гурда (пиелонефрит) мебошад.

5. Таъсири манфии ҳавои сард ва намнок занонро ба илтиҳоби бачадон гирифтор месозад, ки боиси баста шудани найчаҳои бачадон гашта метавонад.

**Занҳои ҳомила, эҳтиёт бошед!**

Дар фасли зимистон махсусан занони ҳомила бояд эҳтиёт бошанд, зеро шамолкашӣ ҳам худи зан ва ҳам тифли дар батнаш будаpo ба ҳар намуд бемориҳо гирифтор карда метавонад. Махсусан, дар семоҳаи дуюми ҳомилагӣ хавфи шамолкашӣ ва ба илтиҳоб гирифтор шудани узвҳои занонаи модари оянда зиёдтар аст, зеро дар ин давра тифл нисбатан калонтар шуда, вазни кӯдак ба узвҳои занона фишор меорад. Дар натиҷа, гардиши хун дар узвҳои занона суст гашта, устувориашон нисбат ба уфунатҳо (инфексияҳо)-и гуногун бештар мешавад.

## Толеъннома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Дар хонаву ҷойи кор тартиботро ҷорӣ намоед. Ҳафта барои тағйир додани реҷаи корӣ ва тарзи зиндагии муқаррарӣ хуб аст. Он малакаву одатҳое, ки қаблан бо душворӣ аз худ мекардед, дар ин рӯзҳо бо осонӣ даст медиҳанд.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Дар ин рӯзҳо қобилиятҳои эҷодиятон зиёд мегардад. Айёми хубест барои амалӣ сохтани тамоми нақшаву ниятҳо. Вақти холии худро бо шахси дӯстдошта дар театр ё кино гузаронед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Аввали ҳафта мушкилиҳои зиёди рӯзгорро ба анҷом расониданатон лозим меояд. Ҳафта барои рӯбучини пурраи хона, таъмир ва наву иваз кардани ҷиҳозии хона мусоид аст. Рӯзҳои истироҳат барои рашк кардани дӯстдоштаатон имкон надиҳед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Дар ин ҳафта табъатон болидаву доираи дӯстонатон васеъ мегардад. Вохӯриҳои зиёд, шиносоиву сафарҳо имкон дорад. Аз вазъиятҳои душвортарину пурпечутоб баромада тавонистанатонро дида, дӯстон дар ҳалли мушкилашон аз шумо дастгириву мадад мепурсанд.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Дар ин ҳафта вазъи молиявиатонро нисбатан беҳтар месозед. Маҳз бо шарофати кордонӣ аксари мушкилатон рафъ мегардад. Ба зудиву сари вақт роҳҳои ҳалли корро пайдо мекунед. Бо шарофати корчаллонӣ маблағи хуб ҳам ба даст меоред.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ин ҳафта табъатон хеле болида мегардад. Рӯзи душанбе барои вохӯрии ошиқона мусоид аст. Тахаюлоти бойи худро истифода бурда, барои нафароне, ки дӯст медоред, лаҳзаҳои хотирмон фароҳам оваред. Сафар ба роҳи дур хотирмон анҷом меёбад.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Дар ин ҳафта озодиятон андаке маҳдуд мегардад. Шояд чанд рӯзро дар беморхона гузаронида ё бо тақозои вазъият чанд рӯз аз хона берун шудан наметавонед. Ин рӯзҳоро ба фоида худ гузаронед, мушкилиҳои равониро рафъ созед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Ақрабҳо дар ин ҳафта корҳои шахсияшонро фаромӯш карда, ба корҳои дӯстону шиносон ва шарикони корӣ ҷалб мегарданд. Барои атрофиён шахси даркорӣ мешавед, аз ҳарвақта бештар аз шумо кумаку маслиҳат мепурсанд. Бо осонӣ ба дигарон кумак мерасонед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Вақте расидааст, ки тамоми қувваи худро барои ба ҳадаф расидан равона созед. Бо ҷидду ҷаҳд ва аз сидқи дил амал намоед ва муваффақият ҳатман ҳамсафари шумо мегардад. Хариди калонро ба рӯзи душанбе гузоред.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Дар ин ҳафта обрӯву нуфузи худро дар назди атрофиён баланд бардошта метавонед. Бо шарофати ақлу заковати беандоза қадрдонӣ мегардед. Вазъият тавре сурат мегирад, ки ба пурсишҳои атрофиён посух гуфтанатон лозим меояд.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Дар ин ҳафта нақши равоншиносро бозида метавонед. Агар то ба имрӯз сабабҳои рафтори баъзеҳоро фаҳмида наметавонистед, имрӯз парда аз рӯйи асрор боз мекунед. Дар хонаатон вайрон шудани асбобҳои техникӣ ё мошин имкон дорад.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Муносибатҳои заношавҳарӣ ва кориятон хеле хуб ҷараён мегиранд. Беҳтараш ташаббус нишон надода, бештар ба шарикони корӣ такя намоед. Ба ақидаи дигарон гӯш карда тавонистанро омӯзед, ташаббусҳояшонро дастгирӣ намоед.

# НАБЕРАҲОИ ҲОҶӢ АБДУЛАЗИЗ



**Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ яке аз устодони бузури “Шашмақом” дар охири асри XIX ва аввали асри XX мебошад, ки барои ҳифз ва рушди мусиқии классикии халқи тоҷик хизматҳои мондагор анҷом додааст. Вале дар ин матлаб сухан на аз корномаҳои ин бузургмард, балки аз сарнавишти авлодонаш меравад.**

### ПАЙВАНД БО ТОҶИКИСТОН

Ду фарзанди Ҳоҷӣ Абдулазиз - Муътабархон ва Мухтарамхон риштаи меҳру муҳаббати хешро бо сокинони бофарҳангу бомаърифати Истаравшан - ходими давлатӣ, иштирокчии ҶБВ Маъмурҷон Ярашев ва омӯзгори соҳибтаҷриба, Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон Маҳмуд Қодиров пайвастаанд. Набераҳову абераҳои Ҳоҷӣ Абдулазиз имрӯзҳо номи ин хонаводаро пос медоранд. Бо амри сарнавишт банда бо ду абераи Ҳоҷӣ Абдулазиз ошно шудам ва бо эшон суҳбати кутоҳе анҷом додам, ки пешкаши хонандагони “Тоҷикистон” мегардад.

### МЕРОСБАР

Яке аз абераҳои Ҳоҷӣ Абдулазиз - Зулфия Маҳмудова - сароиндаи дастаи «Нури Хуҷанд» бо сарварии Ҳунарманди мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ, устод Ҷӯрабек Муродов мебошад.

- Аз даврони мактабхониам ба санъат шавқ доштам. Махсусан, меҳрам ба сурудҳои классикӣ бештар буд. Зеро дар хунам ҳаст-дия... Бибиам дар бораи падари бузругворашон, устоди «Шашмақом» Ҳоҷӣ Абдулазиз бештар нақл мекарданд. Ҳамроҳ ба Самарқанд, хонадоне, ки чашм ба олам ҳастӣ кушодаанд, мерафтем. Солҳои охир диққату эътибор ба хотираи бобоям боз афзуд, ки ифтихори мо набераю абераҳоро боз боло бурду бори дигар ба бузургии бобоям тан додем,- гуфт дар аввали суҳбат Зулфия Маҳмудова.

**- Устод Ҷӯрабек Муродов шуморо чӣ гуна дарёфтанд?**

- Медонед, дар давраи мактабхонӣ узви маҳфили ҳаваскорони санъат будам. Дар саҳнаҳои шаҳрӣ ҳам суруд хондаам. Мукофотҳо, ифтихорномаҳо дорам. Ҳарчанд падарам табиб буданд, вале ман роҳи санъатро пеш гирифтам. Омӯзишгоҳи санъати ба номи Содирхон Ҳофизро хатм кардам. Меҳру муҳаббатам нисбати сурудҳои классикӣ ва дар як вақт абераи Ҳоҷӣ Абдулазиз Абдурасулов буданам ба гӯши устод Ҷӯрабек Муродов расидааст. Ҳамин шуду ба «Нури Хуҷанд» даъват карданд.

Сонӣ, дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров дар факултаи санъат таҳсил намудам. Алҳол баробари фаъолият дар «Нури Хуҷанд» ба ҷавонон аз оҳангҳои сеҳрноки «Шашмақом» дарс мегӯям.

**- Шогирдон ҳам доред?**

- Ҳарчанд худамро устод намешуморам, вале аз талабаҳоям Дилрабо Қурбонова, Шаҳноза Муҳаррамова, Дилрабои Меҳр, Суҳроб Абдулвоситов, Хуршед Амонов умеди калон дорам...

**- Хотираҳоеро, ки аз бибикалон шунидаед, дар ёд доред?...**

- Зиёд. Бобокалонам Ҳоҷӣ Абдулазиз ба Ҳаҷ мераванд. Чун вақти зиёрат мерасад, мардуми бешумор якдигарро тела дода, ба пеш ҳаракат мекунанд. Бобоям мебинанд, ки ҳаракат карда наметавонанд, ба хондани суруди «Гулузорам» (он вақтҳо “Дӯстхудоям” ном доштааст) сар мекунанд. Ҳама мафтуни суруд мешаванд. Ҳамин тавр, бобоям роҳро кушода, ба зиёрат мушарраф мегарданд.

**- Аз осорхонаи бобоятон Ҳоҷӣ Абдулазиз дар Самарқанд дидан намудед?**

- Бале, моҳи октябри соли 2023 бо даъвати кормандони осорхона ба Самарқанд рафтам. Аз сафари ман кормандони телевизиони Самарқанд хабар ёфта, барномаи махсус таҳия намуданд. Дар осорхона «Бозоргонӣ», «Гулузорам», «Бебокча»-ро, ки оҳанги бобоям ҳастанд, сароидам. Мулоқот бо дастаи мазкур бароям хеле хотирмон буд. Соли 2024 моҳи апрел бо хешу пайвандон рафтем. Ба хотираи бобоям дастурхон кушодему дуо кардем.





**- Зулфия, 30 сол қабл, вақте ки бо Муътабар-апа (ҳамсари Мамурҷон Ярашев) суҳбат доштам, як рӯймолро кушода, 13 пластинкаро нишон дода буданд. Гуфтанд, ки онҳоро яке аз шогирдони Ҳоҷӣ Абдулазиз дар деги манту нигоҳ дошта будааст. Вале ба осорхонаи бобоятон рафта, он пластинкаҳоро надидам.**

- Аз пластинкаҳо хабар дорам. Афсӯс, ки дар ин муддат Муътабар-апа назди фарзандон ба Москва рафтанду дар ҳамон ҷо ҷон ба офаридгор супориданд. Маъмурҷон Ярашев ҳам ба абадият рӯ овардаанд. Ҳамин тавр, сарнавишти он пластинкаҳо, ки сурудҳои нодири Ҳоҷӣ Абдулазиз дар онҳо сабт шудаанд, номаълум шуд. Умед дорам, ки рӯзе онҳо пайдо мешаванд.

### АЗ АВЛОДИ БУЗУРГ

Боз як пайванди Ҳоҷӣ Абдулазиз, яъне духтари Мухтарама Азизова - Гулчеҳра Расулова мебошад. Гулчеҳра-апа алҳол ба қуллаи ҳаштодумини умри худ наздик мешавад. Вале, касби худро тарк нагуфтааст, духтур-ренгинолог аст. Ҳамсараш Баҳодур Расулов хатмкардаи Донишгоҳи энерго-технологияи ш. Тошкент буда, солиёни зиёд дар шаҳрҳои Истаравшану Қӯрғонтеппа барои рушди соҳаи алоқа саҳм гузоштааст, обрӯву эътибори зиёд дошт. Вале сад афсӯс, ки дар синни 42-солагӣ марг гиребонгираш шуд...

Имрӯз фарзандони Гулчеҳра Расулова - Нодира муаллима, Моҳира корманди бонк, Малика ҳуқуқшинос, Наргис пайрави падараш, яъне дар соҳаи алоқа заҳмат мекашанд.

- Дар тантанаи боз шудани дари Осорхонаи Ҳоҷӣ Абдулазиз иштирок доштам. Суруд, фарҳанг сарҳад надоштааст. Зеро дидам, ки дар тантана санъаткорони номии Тоҷикистону Ӯзбекистон иштирок доштанд. Дар осорхона адабиёту китобҳо дар бораи бобоям, пластинкаҳо, аксҳои ноёби бастакорони нафақат Ӯзбекистон, балки Тоҷикистон, патефон барои мо тамоман навигарӣ буд. Дар як вақт суханони саршори меҳри бузургон дар ҳаққи хизматҳои бобоям дар рушди санъат моро хеле руҳбаланд кард, ифтихори моро боз боло бурд...,- мегӯяд ӯ.

### ОСОРХОНАИ ҲОҶӢ АБДУЛАЗИЗ

Ёдовар мешавем, ки дар мавзеи Регистони шаҳри Самарқанд Хона-осорхонаи пири шашмақомсароёни тоҷик Ҳоҷӣ Абдулазизи Самарқандӣ мавҷуд аст, ки имрӯзҳо ба зиёратгоҳи дилбохтагони ҳунари асил табдил ёфтааст. Ин осорхона дар ҳавлии ин устоди ҳунар бунёд шудааст. Осорхона соли 2018 бо иқдоми ҳокими вақти Самарқанд Эркинҷон Турдимов куллан таъмир ёфту ба худ симои тоза гирифт. Ва соли 2019 осорхона расман дарҳои худро боз кард...

**Эгамназар СОҲИБНАЗАРОВ,**
**Истаравшан-Самарқанд**

## МАВЛУДНОМА

**27 ФЕВРАЛ**

**Авксентий Камелин** (1910-1978), 115-солагии зодрӯзи рассом.

**Михаил Костетский** (1935-1990), 90-солагии зодрӯзи генерал-майор.

**Баҳром Юсуфов** (1955), 70-солагии зодрӯзи меъмор.

**28 ФЕВРАЛ**

**Абдулҳамид Ализода** (1910-1965), 115-солагии зодрӯзи журналист.

**Ҷалил Рабиев** (1940), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Гулаҳмад Раҳмиҳудоев** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

**Галина Семёнова** (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Зоҳир Ҳувайдо** (1945-2012), 80-солагии зодрӯзи сарояндаи тоҷиктабори Афғонистон.

**1 МАРТ**

**Александр Грюнберг** (1930-1995), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Давлаталӣ Мирзоев** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми байторӣ, профессор.

**Аслиддин Низомӣ** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми санъатшиносӣ, профессор.

**Қурбоналӣ Раҷаб** (1925), 100-солагии зодрӯзи шоир.

**Абдуҷалол Салимов** (1950), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**2 МАРТ**

**Даврон Алиматов** (1950-2014), 75-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Эгамбердӣ Мавлонбердиев** (1950), 75-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Рамзӣ Масаидов** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ, профессор.

**Вероника Чигрина** (1940), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**3 МАРТ**

**Баҳром Сироҷов** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Ғолиб Тағоймуродов** (1940), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Нуъмон Тошматов** (1950), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

**Иброҳим Усмонов** (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Муқимҷон Ҳомидов** (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**4 МАРТ**

**Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ** (1875-1919), 150-солагии зодрӯзи олим.

**Раҳбар Қосимов** (1930-1974), 95-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ.

**Алишер Раҳмонбердиев** (1950-2007), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**5 МАРТ**

**Абдуфаттоҳ Аҳмадҷонов** (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Ғаффор Ашӯров** (1930), 95-солагии зодрӯзи файласуф, узви вобастаи АМИТ

**Айюб Кенҷа** (1945), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

**Карим Қодиров** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A04698735, ба номи Ҷураев Иброҳим Пиримқулович, ки санаи 13.12.2022 аз ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Шоев Манучеҳр Абдулҳамидович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҷ. Расулов, б 49, ҳ. 11, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8ш-4150, аз 03.10.2008, ба номи Шоев Манучеҳр Абдулҳамидович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷ. Расулов, б 49, ҳ. 11, ки дар нотариуси калони Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Баротова Бибимо Мухамадовна, РЯМ: 0430301080, РМА: 185176282, ки санаи 17.02.2020 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Ашуралиев Сафарали, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорон, аз соли 2021, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №802, рақами инвентарӣ №1230, ба номи Саидов Давлатхуҷа, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ 12, ҳ. 19, аз 16.08.1990, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос тибқи васиятнома дар реестри №4м-199, аз 15.08.2007, ба номи Саидов Давлатхуҷа, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ 12, ҳ. 19, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A03589141, ба номи Сафарова Шанила Саҳибназаровна, ки санаи 29.01.2021 аз ШММ Вахон, ШВКД ноҳияи Ишкошим дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ва дафтарчаи имтиҳонот ба номи Султан (Курбанова) Лаура, ки соли 2021 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Собиров Юсуфҷон Махмасаидович бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Қаҳрамон, хонаи 46, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси ҶДММ "Экогаз", РЯМ: 3310009771, ки дар Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Ульфатов Курбонали Сафаралиевич, РМА: 335119729, РЯМ: 3330070013, беэътибор дониста шавад.

► Ҳуҷҷатҳои ронандагӣ ба номи Саидмаҳмудов Қурбоназар Валиевич, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатномаи ба номи Қузиев Нусратулло Исматович, РЯМ: 0730039301, РМА: 075493732, аз 04.11.2010, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома ба номи Бойматов Одинамахмад, РЯМ: 0730238016, РМА: 075265211, аз 11.07.2024, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатнома бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома ба хоҷагии деҳқонии Шарофати Истиқлол, роҳбараш Хуҷаназарова Саломат, РЯМ: 0730143645, РМА: 076313090, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Кенчаев Навруз Нурмахмадович, РМА: 335396985, РЯМ: 3330092700, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома ба хоҷагии деҳқонии Абдусаттор-2009, роҳбараш Сатторова Хочар, РЯМ: 0730039136, РМА: 075532994, аз 26.10.2010, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Гадоев Ҷасурбек Исакулович, РЯМ: 0730236146, РМА: 076471621, аз 15.04.2024, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳоданомаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Панчиева Мутабар, РЯМ: 0730178195, РМА: 075758723, аз санаи 10.06.2018, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Экогаз", РЯМ: 3310009771, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Хоҷазода Х 2020", РЯМ: 0710010336, РМА: 0700017291, ки аз 12.12.2019 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии «РАХМОНИ ТАГОЙ», РЯМ: 3310009111, барҳам мехӯрад.

► ҶДММ “Шоми Хуҷанду Турсунзода”, РЯМ: 0710011079, РМА: 070018108, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Хотам", РЯМ: 0710001930, РМА: 070001189, ки аз 16.12.2014 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Исроил 2001", РЯМ: 0710002150, РМА: 070009435, ки аз 14.01.2015 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Саманди Сомонӣ", РЯМ: 1210005858, РМА: 120035503, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

• Biodiversity Finance Analyst, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 23330/National Personnel Services Agreement/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 5 March 2025, 23:59 New York time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.




### ФАСЛ

Ду нафақахӯр якдигарро аҳволпурсӣ доранд. Якеаш мепурсад:

- Саломатиат чӣ хел?

Нафақахӯри дуюм мегӯяд:

- Мисли силсилафилм, дар ҳар фасл бадтар.

### ШУҒЛ

Дӯстони дерин вомехӯранд. Якеаш мепурсад:

- Як вақтҳо тангаҳои қадимаро коллексия мекардӣ. Ҳоло чиро коллексия мекунӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Дар аввал мехостам мошинҳои қадимаро коллексия кунам, вале феъли зандӯстдориям ғолиб омаду ҳоло ман занакбозам.

Дӯсташ мегӯяд:

- Ҳмм, шуғли хеле серхарҷ...

### ГИРЯ

Ду бонкир баъд аз бӯҳрони иқтисодӣ вомехӯранд. Яке аз дигарӣ мепурсад:

- Ҳа, корҳоят чӣ хел? Шабҳо хобат мебарад?

Бонкири дуюм мегӯяд:

- Мисли тифл хоб меравам!

Бонкири аввал:

- Наход? Чӣ гуна ин ба ту муяссар гашт?

Бонкир дар ҷавоб:

- Ҳамту. Баъди ҳар соат аз хоб хеста, гиря мекунам...

### ХАРОҶОТ

Кортҳои бонкии мардеро медузданд ва баъд аз як моҳ суратҳисоби хароҷоти корти мардро меоранд. Зан аз шавҳараш мепурсад:

- Чаро ту кортатро маҳкам накардӣ, ки пулҳоятро надузданд?

Мард мегӯяд:

- Барои он ки ҳатто дузд ҳам назар ба ту хароҷоти камтар дорад.

### МАРГИ САРДОР

Сардори корхонае мефавтад. Коргаронаш дар маҷлисгоҳ ҷамъ мешаванд. Яке аз кормандон мегӯяд:

- Шахси фавтидаро ба некӣ ёд кардан лозим ё хомӯш истодан беҳтар аст.

Коргари дигарӣ дар ҷавоб мегӯяд:

- Ин тавр бошад, биёед хомӯшона мерақсем.

### ШУҒЛ Ё БУЛҲАВАСӢ

Мард аз зане суол мекунад:

- Шумо шавҳар доред?

Зан дар ҷавоб:

- Бале, шавҳари панҷумам аст.

Мард боз мепурсад:

- Бахшиш, ман донистан мехоҳам, ки ин амали шумо булҳавасӣ аст ё шуғли дӯстдошта?

### АФРИҚО

Писарбача аз падар мепурсад:

- Дада, ҳамин Африқо аз мо дур аст?

Падар мегӯяд:

- Ба фикрам не. Барои он ки як зангӣ ҳамкорамон аст, ҳар рӯз ба ҷои кор бо дучарха меояд.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## ХАЙРИЯТ, 8-УМИ МАРТ ДАР ЯК СОЛ ЯК БОР МЕОЯД...

Садои тақ-туқи дар. Аз дарун овози «ҳозир, ҳозир»-и мард ба гӯш мерасад.

- Кушо... Куҷо несту нестон шудӣ? Ҳӯй, зинда ё мурда-ӣ? Э, ғафлат, кушо, ҳозир дара мешиканаму... ҳуй, кушо мегӯмее...

- Ҳозир, ҳозир, занакҷон, дастам машғзоба буд... Э, вой саракам... Либосовезак аз куҷо пайдо шуд-а? Ҳозир, оббо, халқаи дара намеёбам...

- Кӯр шудӣ магар? Кушо!...

- Ҳозир, занакҷон, лампучка сӯхтагӣ... Э, мана ёфтам, ҳозир, канӣ даро...

Дар кушода мешаваду зан дар ҳолати ғалтидан ба хона медарояд.

- Эээ, занак... эҳтиёт шав, торик занакҷон... Ҳозир дастата қапам...

- Чӣ?... Дастам... ту дигар дастоя қапида... а, списалист шудагӣ... Мӯзая... шав... кундапих, мӯзая каш... Аз куҷо ба ҳамин хамиртуруш расидам-а... вой, вой, поякам... аввал замока фарор...

- Ҳозир занакҷон, пасттар гап зан. Ҳамсояҳо бедор нашаванд. Кинои индийский нишон нате... Пасттар... дарду балоякат занад... аста, аста... мана якташа кашидам... Э, э, худатро дор... Болоям ғалтида чалпак накун... Камтар нӯшӣ, намешавад-мӣ?

- Бас!... Боз ғур-ғур мекунӣ... Палтоя...

- Уффф... аввал дуюм мӯзая кашам охи... ҳа, ана шуд... Канӣ палто...

- Ув, кашола, аввал тугма...

- Ҳа, ҳа, тугма, ин қадар бисёр-а?... Дастата аз гарданам гир...

- Шав... ӯҳу, ӯҳу... тағора...

- Тағора... ба ҷомашӯй банд буд... Не..., ҳозир, ҳозир,... ҳу ба ту арақ додагия...

- Шав... не, не, худам...

- Рост ист, занак, аста. Сарата бардор... Э, дастатро ба китфам парто, сахттар қап... Даҳонатро... онсӯтар кун... уффф, ин қадар бадбӯй... газакаш чӣ буд-а?... аста, мана ба ҷогаат наздик шудем... аста...

- Ист!! Дар қафоят кӣ?! Кӣ, а? Мана маст... нагӯ, маст... нагӯ. Вай кӣ? Мана гусел карда-а?... Бо ойимтиллои кӯчагард... маишат-а... мана ба ту!...

- Уҳ... пасттар занак, ин ойна-ку... Тую ман...

- Росташа гӯ!...

- Рост, рост. Ҳа, ҳа ин туи хушбахту мани сарсахт.

- А, ҳа, ҳикқ... ҳмм... гул?

- Ҳа, гул, фариштаи хонаам. Барои ту...

- Ҳмм... мана бинӣ, барои ман..., дигара бинӣ...а?

- Не-е, занакҷон, ин гулҳо барои ту... Мана гир...

- Бардор, гули бепула... ӯху, ӯху, ҷойи хунук...

- Ҳозир-дия..., аз яхдон меорам...

- Даркор... не, ҷоят... Дар соҳили Сирдарё... ман раҳи ту... (ба ҷойхоб меғалтад) дар... раҳи ту...

- Занак, мана ҷой... Э, хайрият... нафасаш гирифтааст...

- Чӣ? Чӣ гуфт...ӣ?

- Не, занакҷон, хоб кун. Ман ҳам рӯзи дароз аз кори хона шалпар шудаам...

Алла занак, алла-ё,
Идат мӯрак, алла-ё.
Хайрият, ки дар як сол, алла-ё,
Ҳаштуми март якборак, алла-ё...

**Эгамназар СОҲИБНАЗАРОВ,**
**н. Деваштич**

### Сканворд





# ТАҚВИМИ МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН

ТОҶИКИСТОН
Рӯзномаҳо зиёданд, «Тоҷикистон» яктост!

# 2025

| | Рӯз | Ҳафта | Субҳи содиқ | Тулӯи офтоб | Шом |
|---|---|---|---|---|---|
| 01 | 01.03.2025 | Шанбе | 5: 23 | 6:53 | 18: 27 |
| 02 | 02.03.2025 | Якшанбе | 5: 22 | 6:52 | 18: 28 |
| 03 | 03.03.2025 | Душанбе | 5: 20 | 6:50 | 18: 29 |
| 04 | 04.03.2025 | Сешанбе | 5: 19 | 6:49 | 18: 30 |
| 05 | 05.03.2025 | Чоршанбе | 5: 17 | 6:47 | 18: 31 |
| 06 | 06.03.2025 | Панҷшанбе | 5: 16 | 6:45 | 18: 32 |
| 07 | 07.03.2025 | Ҷумъа | 5: 14 | 6:44 | 18: 33 |
| 08 | 08.03.2025 | Шанбе | 5: 12 | 6:42 | 18: 34 |
| 09 | 09.03.2025 | Якшанбе | 5: 10 | 6:41 | 18: 35 |
| 10 | 10.03.2025 | Душанбе | 5: 09 | 6:39 | 18: 36 |
| 11 | 11.03.2025 | Сешанбе | 5: 08 | 6:38 | 18: 37 |
| 12 | 12.03.2025 | Чоршанбе | 5: 06 | 6:36 | 18: 38 |
| 13 | 13.03.2025 | Панҷшанбе | 5: 05 | 6:34 | 18: 39 |
| 14 | 14.03.2025 | Ҷумъа | 5: 03 | 6:33 | 18: 40 |
| 15 | 15.03.2025 | Шанбе | 5: 02 | 6:31 | 18: 41 |
| 16 | 16.03.2025 | Якшанбе | 5: 00 | 6:30 | 18: 42 |
| 17 | 17.03.2025 | Душанбе | 4: 59 | 6:28 | 18: 43 |
| 18 | 18.03.2025 | Сешанбе | 4: 57 | 6:26 | 18: 44 |
| 19 | 19.03.2025 | Чоршанбе | 4: 56 | 6:25 | 18: 45 |
| 20 | 20.03.2025 | Панҷшанбе | 4: 54 | 6:23 | 18: 46 |
| 21 | 21.03.2025 | Ҷумъа | 4: 53 | 6:22 | 18: 47 |
| 22 | 22.03.2025 | Шанбе | 4: 51 | 6:20 | 18: 48 |
| 23 | 23.03.2025 | Якшанбе | 4: 50 | 6:18 | 18: 49 |
| 24 | 24.03.2025 | Душанбе | 4: 49 | 6:17 | 18: 50 |
| 25 | 25.03.2025 | Сешанбе | 4: 47 | 6:15 | 18: 51 |
| 26 | 26.03.2025 | Чоршанбе | 4: 46 | 6:13 | 18: 52 |
| 27 | 27.03.2025 | Панҷшанбе | 4: 44 | 6:12 | 18: 53 |
| 28 | 28.03.2025 | Ҷумъа | 4: 43 | 6:10 | 18: 54 |
| 29 | 29.03.2025 | Шанбе | 4: 41 | 6:09 | 18: 55 |
| 30 | 30.03.2025 | Якшанбе | 4: 39 | 6:07 | 18: 56 |

## НИЯТИ РӮЗА

**АРАБӢ:**
Ва лисавми ғаддин мин шаҳри рамазоналлазӣ фаризатан навайту.

**ТОҶИКӢ:**
Ният кардам рӯзаи моҳи шарифи Рамазон аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб.

## ДУЪОИ ИФТОР

**АРАБӢ:**
Аллоҳума лака сумту ва бика оманту ва алайка таваккалту ва ало ризқика афтарту, бираҳматика ё арҳамар роҳимин.

**ТОҶИКӢ:**
Парвардигоро! Барои ризои Ту рӯза доштам ва ба Ту имон овардам, ба Ту таваккул дорам ва ба ризқи додаи Ту ифтор кардам.

Тақвим бо қарори Раёсати Шӯрои уламои Маркази исломӣ тартиб дода шудааст.

1. Мувофиқи ҳисоби шаръӣ нисоби закот 36000 сомонӣ муқаррар шуд, ки аз он 900 сомонӣ закот пардохта мешавад.
2. Садақаи фитр мувофиқи меъёри шаръӣ ба ҳисоби гандум 8 сомонӣ ва ба ҳисоби мавиз (барои шахсоне, ки тавоноии молии бештар доранд) 65 сомонӣ муқаррар шуд.
3. Фидяи савм барои соҳибони узри шаръӣ (шайхи фонӣ) ё беморone, ки умеди беҳбудӣ надоранд, ба миқдори 16 сомонӣ барои як рӯз (барои 30 рӯз 480 сомонӣ) муайян карда шуд.